Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

22 феврали соли 2003. Шанбе № 14 (12857)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 15.30 имзо гардид.

Муборакбодиҳои самимона

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Ба муносибати иди Ийд ал-Адҳо аз номи ташкилоти озуқавории СММ ва шахсан аз номи худам иҷозат фармоед ба Шумо, Аълоҳазрат бахту саодат, муваффақият ва дархостҳои аз ҳама беҳтаринамро ирсол намоям.

Аз Оллоҳи Таъоло ба Шумо сиҳҳат-саломатӣ, ба халқи мамлакататон сулҳу осоиш ва пешрафтро мепурсам.

Идатон муборак шавад!

Жак ДИУФ,
Сардиректори ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии СММ.

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Оллоҳ Шуморо дар паноҳи худ нигаҳ дорад!

Ба муносибати Ийд ал-Адҳои муборак ба Шумо, Аълоҳазрат ирсол кардани муборакбодиҳои самимона ва дархостҳои беҳтарин ба ман мамнуният мебахшад.

Аз Оллоҳи Қодир ба Шумо сиҳҳат-саломатӣ, ба халқи бародари Ӯзбекистон равнаку фаровонӣ, ба уммати Ислом бошад, ато кардани хайру баракотро мепурсам.

Идатон муборакшавад!

Муҳаммад бин Халифа Ол МАКТУМ,
вазири замин ва моли ғайриманқули Аморати Дубай.

Акси саҳо

Мо аз касе кам нестем ва кам намешавем ҳам

Оре, мо аз касе кам нестем ва кам нахоҳем ҳам шуд. Чунки роҳи ба ҳуд хоси тараққиётро пеш гирифтаем, ки дар саросари ҷаҳон ҳамчун «шакли ӯзбекии пешрафт» эътироф гардидааст ва меваҳои аввалини ширини онро мечинем. Ва инро натиҷаҳои соли гузашта ҳам собит мекунад. Ислоҳот дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ доманадор гардида, шаклҳои мухталифи моликият ба вуҷуд омада, амволи хусусӣ воқеӣ гардида, сол то сол комёбиҳои калон меоваранду дар бобати оҳиста-оҳиста барҳам задани оқибатҳои сиёсате, ки дар салтанати гузашта ба рӯи об бароварда шуда буд, нақши калоне мебозанд. Ӯзбекистон дар байни мамолики ИДМ ҳамчун мамлакати иқтисодаш мӯътадилу пешрафт эътироф мегардад, ки он бешак, барои баланд гардидани сатҳи зиндагонии аҳолии мамлакат мусоидат мекунад.

Беҳтараш ба мисолҳо мурочиат кунем, манзара ҳуд аз ҳуд аён мегардад. Соли гузашта суръати афзоиши ҳаҷми маҳсулоти умумии дохила 104,2 фоизро ташкил дод, ки натиҷаи беҳтарин дар бадали тамоми солҳои истиқлолият мебошад. Маҳсулоти умумии дохила ин пеш аз ҳама маъnoи қудрати иқтисодии мамлакатро ифода мекунад ва рақами болоиро қиёс карда, худатон хулоса бардоред.

Дар давоми сол афзудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 108,5 фоиз, кишоварзӣ—106,1 фоиз, муовизаи моли чакана 101,7 фоиз, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 108,3 фоиз ин ҳамту рақамҳои оддӣ нестанд ва дар паси онҳо меҳнати зарбдорона, чустучӯ, ташаббус, тадбиргарӣ ниҳон мебошад, ки алҳол яке аз омили муҳим дар бобати фатҳ намудани қуллаҳои нав ба нави меҳнатӣ мегардад. Ба 12,6 фоиз афзудани даромади миёнаи аҳолӣ аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки сиёсати инсонпарваронаи мамлакатамон таҳти сарпарастии Президенти ҳуд самараи хуби ҳудро мебахшад.

Маълум аст, ки пеш бурдани сиёсати қатъии пулу вом бешак воситаи муҳими баланд бардоштани қурби асъори миллӣ, бештар ҷалб сохтан сармояҳои хорича мегардад, ки онро таҷрибаи мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ муқтадир борҳо исбот намудааст. Ва он бешак боиси афзудани саҳми содирот ҳам мегардад. Соли гузашта дар бобати содирот ба даст овардани салдои мусбӣ ба андозаи 276,4 миллион доллари ИМА низ аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки сиёсати дар ин бобат пешгирифтаамон сари вақтиву дуруст ва оқилона мебошад. Дар айни замон нисбати ҳаҷми маҳсулоти умумии дохила ба 1,6 фоиз кам гаштани беқурбшавии пул ҳам нишондиҳандаи муҳим аст. Чунки Олӣ Маҷлиси ҳангоми қабул гардидани буҷаи соли 2002 дар ин бобат нишондиҳандаро 2 фоиз муқаррар карда буд. Ба фикрамон ҳоҷат ба он нест, ки фахмонда диҳем, маблағи буҷа чисту ба чӣ сарф мегардад ва камчинии буҷа чӣ қадар бошад. Ба даст омадани камчинии буҷа нисбати ҳаҷми маҳсулоти умумии дохила ба 0,8 фоизро ҳоҷат ба шарҳ додан ҳам наменамонад. Чунки бори аввал ин нишондиҳанда ба даст омадааст. Ба шарофати сиёсати қатъии пулу вом ба муомилот бароварданди пули нақд ҳачман кам гардид, ки асъори миллиамонро аз беқурбшавии беҳад нигоҳ медораду барои аз нигоҳи молиявӣ солимгардонии корхонаҳои зараровару дарачаи даромадашон паст мусоидат мекунад. Дар соли 2002 аз дарачаи зараровари бароварданди 304 корхона аз он гувоҳӣ медиҳд, ки сиёсати пулу вомӣ мо самараи хуби ҳудро мебахшад.

Натиҷаҳои сол гувоҳӣ медиҳанд, ки саъю кӯшиши роҳбарияти ҷумҳурият дар бобати ба вуҷуд овардани моликияти сершакла, вусъат додани соҳибкории хурду миёна ва тадбиргарии хусусӣ барабас намераванду меваҳои ширини ҳудро мебахшанд. Ба ин 2 ҳазор корхонаи давлатӣ хусусӣ гардонда шуда, аз онҳо 1260 адад да амволи инфиродӣ мубаддал ёфтанаш мисоли равшан шуда метавонад. Дар айни замон микдори корхонаҳои хурду миёна зиёд мегардand. Минҷумла танҳо соли 2002 қариб 38 ҳазор фирмаи хурд ба фаъолият шурӯъ намуд ва теъдоди умумии онҳо аҳлол ба 240 ҳазор адад расидааст, ки қувваи бузург мебошад. Бо ҳамин васила муаммои дар ҷумҳурият ниҳоят умда-бо шуғл фарогирии одамони бекор таъмин карда мешавад. Охир, танҳо соли гузашта ба вуҷуд овардани 370 ҳазор коргоҳи нав ҳуд аз ҳуд ба даст наомадааст нисбати пешбинигардида якуним баробар зиёд мебошад. Ва онҳоро бештар амволдорони хусусӣ ташкил медиҳанд, ки саҳмашон ба иқтисодиёти мамлакат торафт афзун мегардад. Сектори ғайридавлатӣ имрӯзҳо 73,3 фоизи ҳаҷми маҳсулоти умумии дохиларо тайёр мекунад. Саҳми онҳо дар бобати тайёркунии маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ, хизматрасонӣ ҳам пайваста меафзояду онро мисоли зерин ҳам собит мекунад: алҳол ҳиссаи сектори хусусӣ дар ҳаҷми маҳсулоти умумии дохила ба 35 фоиз баробар шудааст ва аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мулкдорон дар ҷамъият мавқеи калонро ишғол менамоянд. Дар ин бобат маҳсусан сари вақт пешкаш гардидани вомҳои ҳурдро ба субектҳои хоҷагидорӣ аз тарафи бонкҳои тичоратӣ алоҳида зикр кардан лозим меояд. Ҳаҷми вомӣ пешкашкардаи онҳо 30 фоиз афзуда, ба 265 миллиард сӯм расидааст. Ба иқтисодиёти ҷумҳурият дар давоми соли гузашта 1,4 триллион сӯм сармоягузорӣ ҷалб гардидааст, ки аз он беш аз 650 миллион долларашу сармояи ИМА буда, 20 фоизи тамоми ҳаҷми сармоягузориро ташкил медиҳад. Сармоягузорӣ маънои сохтани обекти нав, истеҳсолоти нав, шабакаи навро дорад ва бешак барои минбаъд моломол шудани бозорамон, баланд гардидани сатҳи зиндагонии аҳолӣ мусоидат мекунад. Дар айни замон вай маънои овардани техника ва технологияи навро дорад, ки барои тайёр кардани маҳсулоти ба рақобат тобовар, фурӯши он дар бозори ҷаҳон, ба даст овардани асъори зиёди озодтабодул оварда мерасонад.

Аз ҳамин ҳисоб алҳол автомобилу автобус, тайёраҳои тамғаи Ӯзбекистон дошта, дар бозори байналхалқӣ харидорони зиёди ҳудро пайдо мекунанд. Ба қолинҳо, чинивор, алалҳусус маҳсули дасти ҳунармандонамон маҳлу шавқи аҳли ҷаҳон пайваста баланд мегардад. Ислоҳотҳоямон самараи хуби ҳудро мебахшанд ва аз ҳамин гувоҳӣ медиҳанд, ки мо аз касе кам нестем, қудратамон, малакаамон, донишамон барои тайёр кардани маҳсулоти аълосифат, ба рақобат тобовар ва афзун гардондани обрӯву эътибори Ӯзбекистони азизамон мерасад ва танҳо онро оқилона, бо назардошти манфиати халқу Ватан сафарбар намоем, марра аз они мост. Ва агар ҳамин тавр кунем, ҳаётамон аз ин ҳам зебо, зиндагониамон фаровон мегардаду ҳаваси дигаронро меоварад. Охир, дар амалӣ гардондани ислоҳот камбудиву муаммоҳо бисёранд, ҳанӯз шахсонеро ёфтан мумкин аст, ки манфиати шахсиро аз манфиати умум боло мегузоранд, дигаронро писанд намекунанд, ҳаёти карру фарро асоси мақсади ҳуд қарор додаанд ва ин суханон бештар ба роҳбароне мутааллиқ аст, ки корро барбод дода, айбро бештар ба гардани обу ҳаво ва ё дигар омилҳо бор мекунанду ҳудро «моҳи беайб» нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси Девони Вазирон бахшида ба натиҷаҳои соли 2002 ва вазифаҳои навбатии соли 2003 дар ин бора кушоду равшан ҳарф зада шуд. Сарвари давлатамон тамоми камбудиву муаммоҳои мавҷударо кушоду равшан баён карданд ва аз шахсони мутасаддӣ талаб намуданд, ки вазъият дар ин бобат кай ислоҳ мешавад, кай мо аз қолабу одатҳои салтанати пештара тезтар халос мешавем, аз амалияҳои нодуруст батамом даст мекашем. Ва он пеш аз ҳама ба нимкора гузаронда шудани ислоҳот алоқаманд буд.

Оре, ислоҳот давом дорад, вале он ба бисёр монеаҳои сунӣ рӯ ба рӯ мегардад. Алалҳусус ба усули амрдиҳиву фармонфармой рӯ ба рӯ гардидааст, ки бешак чонсахт буда, ба осонӣ ҷои ҳудро холӣ кардан нест. Ва он такозо дорад, ки мо аз фишангҳои муқтадири иқтисоди бозаргонӣ босамар истифода барем, гилаву кина, баҳонаҳои сершуморро ба як сӯ гузошта,аҳлона кор кунем, тадбир чӯем ва «Ин ватани ягонаи мост» гӯён фаъолият пеш барем. Дар он сурат комёб мегардем.

Муаммову масъалаҳои ҳалношуда дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ-саноат, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт, адои хизмат, хоҷагии манзиливу коммуналӣ ва ғайра ҷой доранд. Ва он саравваи барои қимат афтидани арзиши аслии маҳсулот, корҳо, адои хизмат сабаб мегардаду пеш аз ҳама ба гардани харидор, мизоҷ ва ғайра меафтад. Дар ин ҷо саволи ҳаққонӣ бармеояд: чаро ин тавр мешавад? Тафтишҳо нишон медиҳанд, ки дар ин бобат бештар ба расмиятпарастӣ роҳ мегузоранд, изофанависиро мақсад қарор медиҳанд. Масалан, дар корхонаҳои муқтадири дӯзандагии «Малика» ва «Юлдуз» ба толону тороҷ кардани амвол, тайёр кардани маҳсулот ба эҳтиёҷи худӣ роҳ гузоштаанд ва ҳамаи ҳароҷотҳо ба маҳсулоте гузошта шудааст, ки ба шабакаҳои савдо роҳ пеш гирифтаанд. Дар ҷунин маврид арзиши аслии маҳсулот дар ҳақиқат қимат мегардад. Ба вазъият баҳо дода, ҷунин ҷуғтанатон мумкин буд: корхонаҳои мазкур ҷамъиятҳои саҳҳомӣ гардидааанд, фаъолияти онҳоро шӯрои назоратӣ ва маҷлиси саҳҳомон магар таҳти назорати ҳуд қарор наҳодааанд? Гап дар сари он аст, ки аксар вақт ба шӯрои назоратӣ шахсонӣ сарвар интихоб карда мешаванд, ки аз ҷиҳати вазифа ба сарвар тобеанд. Дар ҷунин шароит ягон кас «барои пишт ҷуғтани гурбаи сардор» ҳақ надорад. Мабодо ҷуяд, дар он сурат кафшашро ба пешаш мегузоранд. Аз ҳамин сабаб сарвари давлатамон дар маҷлиси Девони Вазирон масъаларо ин тавр кӯндаланг гузоштанд: сарварони ҷамъиятҳои саҳҳомӣ бояд ба тарзи иҷоравӣ кор кунанд. Яъне барои як сол интихоб карда шаванд. Баъди як сол шӯрои назоратӣ ва маҷлиси саҳҳомон ҳисоботи ӯро шунидан, дар кор мондан, намондан, интихоб шудан ва интихоб накардани ӯро ҳаллу фасл мекунанд. Фишанги то чӣ андоза адолатнок.

Дар маҷлиси Девони Вазирон боз як масъалаи ниҳоят умда мавриди баррасӣ қарор гирифт, ки алоқаманди моломол кардани бозори дохилаи истеъмолӣ буд. Ва он масъалаи ниҳоят дарднок аст. Чунки алҳол бозорҳои моро бештар маҳсулоти воридотии бадсифат ишғол намудааанд. Дурust, онҳо арзонанд. Вале ба сифаташон касе кафолат намедиҳад. Зарари расондаи онҳоро кӣ мепардозад? Агар ахвол ҳамин тавр рафтан гирад, дар он сурат тақдири аврдии оянда чӣ мешавад? Мо моли дар дигар мамлакат истеҳсолгардидаро ба бозорамон оварда фурӯшем, барои ин асъори озодтабодулро сарф кунем, дар он сурат молистеҳсолкунандаи берунаро рағбатнок месозем. Дар ҷунин ҳолат вазъи истеҳсолгари ватанӣ чӣ мешавад? Мардумамон бо доду гирифт ва фурӯши маҳсулот машғул шудан гиранд, дар он сурат дар корхонаҳо, сохтмонҳо, нақлиёт, соҳаи адои хизмат ва ғайра ҳиҳо кор мекунанд? Ва агар гурӯҳҳои ҷиноятқор амалҳои ҷиноятқоронаро ба амал бароранду на ба давлат андоз супоранд, на бочи ҷумрукӣ супурда шавад, дар он сурат хазинаи давлат чӣ мешавад? Бучаро аз қадом ҳисоб сарпур кардан мумкин мегардад?

Президент ин вазъияти тоқатнофарсоро тавзеҳ дода, онро ҷиноят дар назди авлоди наврас номид. Охир Ӯзбекистон имкониятҳои калонро дар бобати тайёр кардани маҳсулоти сермасриф дорад. Ба ин нигоҳ накарда, ҳамоно 75 фоизи тамоми маҳсулоти дӯзандагӣ, 50 фоизи пойафзол, қариб 80 фоизи собуни ироқӣ ва воситаҳои синтетикии ҷомашӯй, нисфи зиёди равғани ҷорво ва консерв, қариб ҳамаи маҳсулоти техникаи барқии маишӣ аз берун оварда мешаванд. Ба он оё тоқат кардан мумкин аст? Дар ҳудуди ҷумҳуриятамон бисёр корхонаҳое ҳастанд, ки маҳз ҳамин ҷуна маҳсулотро истеҳсол карда метавонанд. Пас чашми роҳбарони ин ташкилотҳо, мутассадиёни соҳаи мазкур ба кучо нигаронда шудааст? Низоми музддиҳиамон низ беҳбудиро металабад ва аз ин рӯ саррвари давлатамон фикри татбиқ намудани низоми рағбатноксозиро на аз рӯи вазифа, балки малака пеш гузоштанд, ки яке аз талабҳои муҳими иқтисоди бозаргонист.

Алқисса, маърӯзаи сарвари давлатамон дар маҷлиси Девони Вазирон бахшида ба натиҷаҳои соли 2002 ва вазифаҳои соли 2003 бояд барномаи амалиёти ҳар қадомамон гардад. Охир мо, аз касе кам нестем ва камӣ нахоҳем дид. Пас ҳамин тавр бошад, ин даъват шиори доимиамон гардад ва дар он сурат ҳамагон аҳлона ва ӯҳдаи вазифаи дилхоҳ мебароем, комёбиҳоро афзун гардонда, ҳаёти аз ин ҳам фаровону шукуфонро таъмин мекунем ва бешак ҳаваси дигарон ба мо хоҳад омад. Чунки мо аврдони ниёкони бузургем ва дар назди дӯшвориву муаммоҳо ҳеҷ гоҳ сари таъзим фуруд наовардаем ва нахоҳем овард.

Э.ТУРДИҚУЛОВ.

Шиносой бо осорхона

19 феврал Президент Ислом Каримов Осорхонаи давлатии таъриҳи Ӯзбекистонро дидан кард.

Осорхонаи мазкур соли 1992 мувофиқи қарори ҳукумат ташкил ёфтааст. Вай ягона муассисаи калони илмиву тадқиқотӣ, фарҳангиву маърифатии мамлакатамон ба ҳисоб меравад.

Осорхона, ки майдони умумиаш қариб ду ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад ва соҳиби қариб панҷ ҳазор нигораи нодир аст, аз хусуси таъриҳи бои халқи Ӯзбекистон аз айёми қадим то рӯзҳои мо нақл мекунад.

Президенти мамлакатамон осорхонаро тамошо карда, фикру мулоҳизаҳои хешро оид ба ороиш додани толорҳо, ҷойгир сохтани нигораҳо баён сохт. Вай заруратро ба он ҷалб сохт, ки ҳуҷҷатҳо ва нигораҳои дар ин ҷо маҳфузбуда на танҳо ба мутахассисон, балки ба аҳли ҷамъият шавқовару сермазмун бошанд, барои тадқиқотҳои минбаъда ва эътирофи аҳли ҷамъияти ҷаҳон мусоидат кунанд.

—Он чизро ба назар гирифта, ки осорхона оинаи таъриҳи халқ мебошад, вай бояд дар намояндагони ин халқ, пеш аз ҳама дар қалби авлоди наврас ҳисси фахру ғурурро бедор созад,—ҷуфт Ислом Каримов.—Вазифаи мо дар ҳамин зоҳир мегардад, ки то ба ҳукми авлоди оянда таъриҳи бузургамонро тавассути масканҳои маърифатӣ расонем.

Сарвари давлатамон ба Китоби меҳмононӣ фахрии осорхона соядаст гузошт.

(ЎзА).

Завод то Наврӯз

Дар маркази ноҳияи Конимех бо суръати баланд сохтмони заводи истеҳсоли халтаҳо аз пардаи сунӣ давом дорад. Ин корро ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Конимехобод» ба иҷро мерасонад. Дар корхона таҷҳизоти технологии заводи «Ван фенг»-и Чин гузошта мешавад. Барои сохтмони завод бахши навоигии Бонки миллии фаъолияти берунии иқтисодии Ӯзбекистон ба андозаи 600 миллион сӯм вомро пешкаш намудааст. Ҳуҷҷатҳои лоиҳавиро бошад, бюрои лоиҳакашии шаҳри Навоӣ таҳия намудааст. Ба истифода супурдани завод дар арафаи Наврӯз ба нақша гирифта шудааст.

Воҳӯрӣ бо ҳоким

Ба қарибӣ дар маркази паёмнигорони вилояти Бухоро воҳӯрии хабарнигорони вилоят бо ҳокими вилояти Бухоро, вакили халқи Олӣ Маҷлис Самоиддин Ҳусенов ба амал омад.

Дар он муҳаррирони рӯзномаҳои ноҳиявию вилоятӣ, мутасаддиёни радиою телевизиони вилоят, мухбирони воситаҳои ахбори оммавии ҷумҳуриву ҳоричӣ иштирок намуданд.

Ҳокими вилоят С. Ҳусенов дар бораи натиҷаҳои тараққиёти хоҷагии халқи вилоят дар соли гузашта иттилоъ дода, ба саволҳои сершумори журналистон ҷавоб гардонд.

Дар ҷамъомад ҷонишини ҳокими вилоят Мизроб Бӯронов, сардори раёсати матбуоти вилоят Шавкат Иноятов ва дигарон ҳузур доштанд.

А. АВЕЗОВ.

Таҳкими дӯстӣ

Дар Кенгаши Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангиву маърифатии Ӯзбекистон бо мамолики хорича шабнишинии тантанавӣ бахшида ба панҷсолагии созмон додани ҷамъияти дӯстии «Ӯзбекистон-Булғория» ба амал омад.

Дар он, ки созмондиҳандагонаш Маркази фарҳангии Булғория ва Сафоратхонаи Булғория дар Ӯзбекистон буданд, нотиқон аз муназзам инкишоф ёфтани муносибатҳои дӯстона байни халҳҳоямон ва мамлакатҳоямон бо қаноатмандӣ ҳарф заданд.

Вакили мувакқатии корҳои Булғория дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҷаноби Стоян Митков Горчивкин фаъолияти ҷамъиятро дар роҳи пешрафт дар бобати рушд бахшидани равобити дӯчониба воло арзёбӣ намуд. Фаъолияти ҷамъият ба истифода бурдани имкониятҳои дипломатияи халқӣ барои ошно кардани аҳли ҷамъияти Булғория, бо нерӯ, комёбӣ ва равандҳои ислоҳсозии соҳаҳои мухталифи ҳаётӣ ҷамъиятӣ дар Ӯзбекистон нигаронда шудааст.

Дар шабнишинӣ барномаи калони консертӣ бо иштироки устодони санъати ӯзбек ба ҳукми иштирокдорон пешкаш ёфт.

Ҷашнвораи афсонаҳо

Дар Тошканд «Ҷашнвораи афсонаҳо» кушода шуд, ки созмондиҳандагони онҳо Кенгаши Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангиву маърифатӣ бо мамолики хорича якҷоя бо сафоратхонаҳое, ки дар мамлакати мо фаъолият пеш мебаранд, ҷамъиятҳои дӯстӣ, Маркази ҳуқуқии «Камолот-қонун» ва Маркази эстетикии «Консонанс» мебошанд.

Дар тадбир бо афсонаҳо, анъанот ва урфу одатҳои халқҳои мухталиф ошно шудан мумкин аст. Дар рафти ҷашнвора филмҳое ҳам намоиш дода мешаванд, ки аз рӯи эҷодиёти даҳонакии халқ таҳия гардидааанд. Ҷашнвора то моҳи маи соли кунун давом мекунад.

(ЎзА).

Тайёрӣ ба кишти баҳорӣ

Дар маҷлисе, ки дар хоҷагии ширкатии ба номи Йўлдош Охунбобоеви ноҳияи Ўртачирчиқи вилояти Тошканд ба амал омад, масъалаи тайёрӣ ба кишту кори баҳорӣ дар вилояти Тошканд мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар он ҳокимони ноҳияҳо ва ҷонишононӣ онҳо, раисони хоҷагиҳои ширкатӣ, кормандони масъули Саройҳои мошину трактороҳо ва намояндагони ташкилотҳои дахлдор иштирок намуданд. Маҷлис таҳти сарпарастии Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Исмоил Ҷўрабеков гузашт.

Ба душориҳои обу ҳавои соли гузашта нигоҳ накарда дар мамлакатамон қариб панҷуним миллион тонна ғалла тайёр шуд. Дар ҳорводорӣ ҳам комёбиҳо назаррас мегарданд. Аз он ҷумла, дарачаи даромаднокии соҳа 18-20 фоизро ташкил дод. Оқибат фурӯши маҳсулоти гўштиву ширӣ дар бозорҳо афзуд. Дар маърўзаи Президент Ислом Каримов дар маҷлиси Девони Вазирон бахшида ба натиҷаҳои тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар соли 2002 ва самтҳои асосии амиқгардонии ислоҳоти иқтисодӣ барои соли 2003 ҳамчунин зикр ёфтааст, ки стратегияи интихобкардаи ислоҳот дар бобати навсозӣ ва рушди низоми кишоварзӣ натиҷаҳои хуби ҳудро мебахшад. Баробари ин дар маъруза камбудиву хатоҳои мавҷудаи соҳа зикр ёфта, роҳҳои бартараф сохтани онҳо нишон дода шудаанд.

Агар соли гузашта дар ҷумҳурият дар зери пардаи сунӣ ба 320 ҳазор гектар пунбадона кошта шуда бошад, аз он 24 ҳазор гектараш ба вилояти Тошканд рост омад. Вале кишторро аз сабаби риоя накардани талабҳои агротехникӣ алаф пахш намуд. Ҳамин тавр, баҳодурони саҳро аз майдонҳое, ки бо ҳамин усул кишт гузаронда шуда буд, ҳосили заруриро набардоштанд. Оқибат нақшаи шартномавӣ иҷро нагардид.

То имрӯзҳо дар вилоят мебоист 119 ҳазор гектар замин аз шудгор мебаромад. Вале дар ин бобат нақша пурра иҷро нагардидааст. Тафтишҳо нишон медиҳанд, ки аз шудгори амалигардондашуда панҷ ҳазор гектараш аз ҷиҳати сифат ба талаб пурра ҷавобгӯ нест.

Дар маҷлис тавсияҳои дахлдор оиди ба анҷом расондани кишт на дертар то 20 апрел, пурра тармим кардани тамоми воситаҳои техникӣ, дар мўҳлати кўтоҳ гузарондани тозакунии чўю захбурҳо, озуқонидан ва обёрӣ кардани ғаллазор дода шуданд.

Дар маҷлис ҳокими вилояти Тошканд Умматқул Мирзоқулов иштирок намуд.

Л.СУВОНОВ,
мухбири ЎзА.

Анҷумани байналхалқӣ

Дар Олӣ Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон анҷумани байналхалқӣ бо унвони «Дар амал татбиқ кардани моддаҳои созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ дар қонунгузории Ӯзбекистон» ба амал омад. Созмондиҳандагони он Институти мониторинги қонунгузории ҷории назди Олӣ Маҷлис ва Котиботи Созишнома дар бораи шарикӣ ва ҳамкорӣ буданд.

Дар он мутахассисони ӯзбекистонӣ ва аврупоӣ дар хусуси ҳуқуқҳои корпоративӣ, соҳаи андоз, боҷ, қонунгузорӣ дар бораи сармоягузории ҳоричӣ ва ҳамчунин рақобат мубодилаи афкор намуданд.

Рушди сектори хусусӣ — самти устувор

Дар Маркази миллии матбуот нишасти матбуотӣ ба амал омад. Ин дафъа роҳбарону мутахассисони Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарӣ меҳмони намояндагони воситаҳои ахбори оммавии ҷумҳурӣ ва ҳоричӣ буданд. Дар вай Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи тадбирҳои куллан вусъат додани ҳисса ва аҳамияти сектори хусусӣ дар иқтисодиёти Ӯзбекистон» аз 24 январи соли 2003 мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Баъд аз маросими ифтитоҳӣ сухан ба раиси Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарӣ Маҳмудҷон Асқаров дода шуд. Мавсуф қабл аз ҳама дар бораи корҳое, ки кумита ба амал бароварддааст, ахборот дода, баъд ба масъалаи асосӣ гузашт.

Аз ҷумла, қайд шуд, ки фармони мазкур ба рағбатноксозии рушди босуръати сектори хусусӣ, дар иқтисодиёти мамлакат куллан баланд бардоштани мавқеъву аҳамияти вай, қатъан такмил додани низоми идоракунии корпоративии корхонаҳои хусусигардодашуда нигаронда шудааст.

Мувофиқи қарори қабулшуда васеъ ривоҷ додани тадбиргарии хусусӣ, созмон додани корхонаҳое, ки асосашонро амволи хусусӣ ташкил медиҳад, аз он ҷумла, дар натиҷаи хусусигардонии амволи давлатӣ ташкил меёбанд ва дар пойгоҳи ин дар сохтори иқтисодиёт назаррас баланд бардоштани ҳиссаи сектори хусусӣ ҳамчун самти муҳими ислоҳоти иқтисодӣ ва дигаргунсозиҳои бозаргонии дар мамлакатамон ба амал бароварддашудаистода муайян шудааст.

Фармон кушодани моҳияти се масъалаи асосиро таъмин мекунад.

Якум, фармон ба тағйир додани мавқеву аҳамияти корпуси директорӣ нигаронда шудааст. Директор бояд хизматчии кироя бошад ва ба саҳмдорон ҳисобот диҳад, кушоду равшан кор кунад. Аммо ба корхонаҳое, ки шакли моликияташонро тағйир додаанд, на саҳмдорони фаъол, балки директоре ки хизматчии кироя ба ҳисоб меравад, ҳўҷаинӣ мекунад. Директор аз имконияти идоракунии корхона мувофиқи ҳоҳиши хеш истифода бурдааст. Ба тўфайли чораву тадбирҳои зарурӣ наандешидани корпуси директорӣ аҳволи молияви бисёр корхонаҳо хеле баҷд шуда, ба гирдоби муфлисӣ афтодаанд. Шўрои назоратӣ, ки бисёр аъзоёнаш кормандони ҳамон ташкилот ва ба директор тобеъ мебошанд, баъзан аз салоҳияти манфиати моддӣ надоштанашон ба ин зайл нуқсонҳо монеъ шуда наметавонистаанд.

Вакилони боэътимоди давлатӣ ва идоракунандагони боэътимод дар идоракунии силсилаи саҳмияҳо манфиати давлатиро пурра таъмин накардаанд, аксарияти онҳо силсилаи саҳмҳоро дар асоси озмун нагирифтаанд ва манфиати ассотсиатсияҳоро ифода мекарданд. Онҳо аз сабаби дар ҷои асосии корӣ вазифаҳои зиёд доштанашон, аксаран аз манфиатдории моддӣ маҳрум буданашон ба вазифаи аслиашон зоҳиран муносибат карда, бештар бо иҷрои фармони роҳбарияти ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ маҳдуд шуда монданд.

Фармон имконияти бартараф намудани камбудиҳои дар боло зикршударо фароҳам овард. Акнун директор (мақомоти иҷрогари ҷамъияти саҳҳомӣ) пурра ба саҳмдорон тобеъ шуда мемонад: директор дар асоси қарори аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмдорон қабулшуда ва озмун таъин карда мешавад. Шартнома оид ба таъин кардани директор ба як сол ба имзо расонда мешавад.

Акнун рағбатноксозии моддии раисони шўрои назоратӣ ва директори иҷрогар аз самарабахшии кори ҷамъиятҳои саҳҳомӣ вобаста аст.

Гурўҳи дуюми масъалаҳое, ки тавассути фармони мазкур ҳалли ҳудро меёбанд, ба фаъолияти ассотсиатсияҳо, иттиҳодияҳои хоҷагидорие, ки то ҳол вазифаҳояшонро иҷро намекунанд, тааллуқ дорад. Иттиҳодияҳои аз ҷониби ҷамъиятҳои саҳҳомӣ созмондодашуда ба ҷои ба корхонаҳои дар таркибашон буда хизмат кардан мисли вазоратҳои пештара саъй доранд, ки ба онҳо ҳукмфармой кунанд.

Фармон тартиберо, ки вогузоштани силсилаи саҳмҳои давлатиро ба бунёди оинномавии иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ бо ҳуқуқи идоракунии боэътимод ба роҳ мемонад, бекор мекунад. Акнун вазифаи муҳимтарини ассотсиатсияҳо, ширкатҳо, корпоратсияҳо ва консернҳо аз амалӣ гардондани сиёсати ягонаи техникӣ дар соҳаҳои дахлдор иборатанд ва онҳо барои даҳолат кардан ба фаъолияти оҷилии корхонаҳое, ки ба таркиби онҳо шомиланд, ҳуқуқ надоранд.

Масъалаи асосии сеюми фармон масъалаи ба тадбиргарон додани озодии калон буда, ба фароҳам овардани шароит барои афзоиши босуръати моликияти хусусӣ ва сектори хусусӣ дар иқтисодиёт марбут аст.

Ба мақсади рағбатноксозии шахсони ҷисмонӣ дар харид кардани саҳмияҳо, иштироки онҳо дар раванди хусусигардонӣ даромади шахсони ҷисмоние, ки дар шакли ҳаққи саҳм аз ҷамъияту рафоқатҳои хоҷагидорӣ дар заминаи корхонаҳои хусусигардондашуда созмонёфта гирифтаанд, ба мўҳлати панҷ сол аз андозситонӣ озод карда мешавад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки имтиёзи мазкур ба зиёда аз 1 миллиону 300 ҳазор саҳмдорон (ин 89 фоизи шумораи саҳмдорони мамлакатамонро ташкил медиҳад), инчунин садҳо ҳазор соҳибони саҳмияҳои ҷамъиятҳои масъулияташ маҳдуду иловагӣ имконият медиҳад, ки ҳаққи саҳмияҳоро бидуни пардохтани андоз гиранд, ин, бешубҳа, боиси дар ҷараёни хусусигардонӣ фаъолона иштирок кардани аҳолӣ мегардад.

Ба мақсади васеъ гардондани имкониятҳои сектори хусусӣ дар бунёди оинномавии ҷамъиятҳои саҳҳомӣ 25 фоиз ва аз он камтари хиссаи давлатиро нигоҳ доштан мувофиқи мақсад дониста нашуд. Ҳаминро алоҳида таъкид кардан ҷоиз аст, ки захираҳои аз ин ҳисоб озодмешуда бояд ҳамчун моликияти хусусӣ фурўҳта шавад. Ба Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва хусусигардонӣ супурда шудааст, ки марҳала ба марҳала дар бозори фондӣ дар солҳои 2003-2004 силсилаи саҳмҳои давлатиро ба корхонаҳои хусусигардондашуда фурўшад, ки дар бунёди оинномавии онҳо ҳиссаи давлат 25 фоиз ва аз он камтарро ташкил медиҳад.

Фармон эътиборро ба моҳияти асосии ҷамъиятҳои саҳҳомӣ нигаронда, мукаррар мекунад, ки аз 1 феврали соли 2003 ҳаҷми ҳадди аққали сарвати бунёди оинномавии ҷамъиятҳои саҳҳомии тарзи кушод маблағеро ташкил медиҳад, ки ба 50000 доллари ИМА аз рӯи курби Бонки марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар санаи номнавискунии ҷамъият баробар аст. Микдори иштирокдорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуд ва ё масъулияташ иловагӣ наметавонад аз 50 шахси ҳуқуқиву ҷисмонӣ зиёд бошад.

Умуман, ба амал бароварданди тадбирҳои дар фармон пешбинишуда имконият медиҳад, ки с

Стратегияи ислоҳот – баланд бардоштани неруи иқтисодии мамлакат

Маърӯзаи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар маҷлиси Девони Вазирон бахшида ба натиҷаҳои тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар соли 2002 ва самтҳои асосии амиқгардонии ислоҳоти иқтисодӣ барои соли 2003

Мӯҳтарам иштирокдорони маҷлис!

Мақсади маҷлиси мо ҷамъбасти натиҷаҳои соли 2002 мебошад. Натанҳо ҷамъбасти натиҷаҳо, балки пеш аз ҳама мо бояд ба он баҳои принсипиалӣ диҳем, то ки аз кадом чиҳат натиҷаҳои ба дастомадаи рушди иқтисодӣ, дараҷа ва миқёси ислоҳоти амалигардидаистода ба барномаҳои дарозмӯҳлату миёнамӯҳлатамон мувофиқату ҷавобгӯянд, ки мо дар ин соҳа қабул кардаем.

Ва дар асоси чунин таҳлил ва арзёбии танқидонаи тамоюлот, ҳамчунин муаммоҳое, ки дар соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт дар соли сипаришуда ҷой доштанд, самтҳои мушаххаси амиқгардонии ислоҳоти иқтисодиро барои соли кунуни 2003 муайян намоем.

Натиҷаҳои соли 2002-ро аз ҳамин мавқеъ арзёбӣ намуда, зарур аст чунин қайд намоем.

Тадбирҳо оид **ба минбаъда аз тасарруфи давлат баровардан ва бо саҳм фаро гирондани корхонаҳо, вусъати саҳми сектори хусусӣ собитқадамона давом кард.** Соли 2002 шакли моликияти худро қариб 2000 корхонаву обекти давлатӣ тағйир дод, ки нисбати барномаи хусусигардондашаванда якуним баробар зиёд мебошад.

Қисми зиёди корхона ва обектҳои давлатӣ—1260 ба амволи хусусӣ мубаддал гардонда шуд. Шахсони ҷисмонӣ саҳмҳои корхонаҳои хусусигардондашударо нисбати соли 2001-ум 2,6 маротиба бештар харид намуданд.

Шакли моликиятро чунин корхонаҳои калони давлатии дорои аҳамияти стратегӣ, аз қабили иттиҳодияҳои истеҳсолии «Электрохимпром», «Навоиазот», «Аммофос», «Ӯзбекрезинотехника», марказҳои гармитаъминкунии Тошканду Фарғона, нурхонаи алавии Сирдарё, заводи тармими вагонҳои боркашон, корхонаи тармими вагонҳои мусофиркашон, комбинати маъданҳои душворгудоз ва ба гармӣ тобовари Ӯзбекистон ва дигарон тағйир доданд.

Дар ҷумҳурият иқтисодиёти сершакла фаъолона ба вуҷуд оварда мешавад, ки дар он нақши асосӣ ба соҳибкории хурду миёна, тадбиргарии хусусӣ дода мешавад. Амалӣ гардондани тадбирҳо оиди рағбатноксозии рушди соҳибкории хурд, хеле содда гардондани тартиби номнавискунии онҳо, аз ҳама муҳимаш, ҷорӣ кардани механизми таъсирбахши ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои онҳо ба рушду таҳкими минбаъдаи ин сектори муҳими иқтисодиётамон мусоидат намуд.

Соли 2002 қариб 38 ҳазор фирмаи хурд, корхонаи хурду миёна созмон дода шуда, миқдори умумии онҳо имрӯзҳо ба 240 ҳазор адад расидааст. Аз ҳисоби рушди тадбиргарӣ қариб 370 ҳазор қорғоҳи нав ба вуҷуд оварда шудааст, ки нисбати ҳисобу китоби пешакӣ 1,5 маротиба зиёд мебошад.

Имрӯз ба ҳиссаи сектори ғайридавлатӣ 73,3 фоизи маҳсулоти умумии дохила, 71,4 фоизи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, амалан тамоми маҳсулоти кишоварзӣ, муомилоти моли чакана ва хизмати пулакӣ ба аҳолӣ рост меояд. Бояд зикр намуд, ки дар сектори хусусӣ ҳоли ҳозир тақрибан 35 фоизи маҳсулоти умумии дохила истеҳсол карда мешавад.

Амалӣ гардондани тадбирҳои куллӣ оиди рағбатноксозии фаъолияти тадбиргарӣ, вусъати озодии иқтисодии корхонаҳо бо он бевосита алоқаманд мебошад. Дараҷаи андоз аз даромади (фоидаи) шахсони ҳуқуқӣ аз 26 ба 24 фоиз кам карда шуд. Низоми андозситонӣ барои корхонаҳои соҳибкории хурду миёна, савдо ва ҳӯроки умумӣ содда гардид.

Имтиёзи калони андозӣ ба корхонаҳое пешкаш гардидаанд, ки молҳои истеъмолӣ меофаранд. Танзими давлатии маблағе беэътибор дониста шудааст, ки ба додани музди меҳнат дар ҳамаи корхонаҳо ва ташкилотҳо нигаронда шудааанд. Ба тамоми субектҳои хоҷагидорӣ ҳуқуқи мувофиқи талабашон аз ҳисобсурат дар бонкҳои тиҷоратӣ гирифтани пули нақд дар ҳадди маблағи супурдаашон пешкаш гардидааст.

Бархурдории корхонаҳо аз бозори ғайрибиржавии асъор хеле озод гардонда, тартиби додани рухсатнома содда гардидааст. Тартиби озодтабодулӣ ва хариди асъори хорича барои шахсони ҷисмонӣ ниҳоят содда гардонда шудааст.

Ба минбаъда озодкунии идораи иқтисодиёт диққату эътибори калон дода мешавад. Мубаддал сохтани мақомоти давлатии идора ва вазоратҳои соҳавӣ ба сохторҳое, ки ба талаботи иқтисоди бозаргонӣ ҷавобгӯянд, давом карданд. Кумитаи давлатӣ оид ба илму техника беэътибор дониста, Маркази илму технология созмон дода шуд. Вазорати равобити берунии иқтисодӣ ба оҷонсӣ мубаддал гардид. Ҳамчунин вазифа ва мақоми Кумитаи давлатӣ оид ба матбуот аз нав дида баромада, ба оҷонсӣ мубаддал ёфт.

Бо назардошти нарх дар бозори ҷаҳонӣ низоми замонавии нархгузорӣ ба намудҳои муҳимтарини маҳсулоти кишоварзӣ—пахта, нахи пахта ва ғалла ҷорӣ гардид.

Фаъолияти берунии иқтисодӣ озод гардонда, ба андозаҳои байналхалқӣ мувофиқат кунонда мешаванд. Боҷҳои гумрукии воридотӣ унификатсия карда, қоидаи номнавискунии қарордодҳои воридотӣ содда гардонда, низоми сертификати ҳатмии молҳои ба ҳудуди ҷумҳурият ованда, ҳамчунин меъёру андозаҳое ҷорӣ карда шуданд, ки ба талабҳои Ташкилоти ҷумиҷаҳонии гумрук ҷавобгӯянд.

Дахолати давлат ва мақомоти назоратӣ ба фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо сусту карда мешавад. Миқдори тафтишҳои ғайриқонунии субектҳои хоҷагидорӣ қатъан кам гаштанд. Агар соли 2001 чунин 1450 далели тафтиши ғайриқонунии корхонаҳо қайд гардида бошад, он соли 2002 -ум 157 аддадро ташкил дод.

Дар айни замон дар натиҷаи амалиёти муштараки мақомоти адлия ва прокуратура 1030 далели дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти тадбиргарон ошкор гардид, ки аз рӯи онҳо 13 парвандаи ҷиноӣ ва 88 парвандаи маъмурии қонуншиканӣ кушода, дигар тадбирҳои таъсирбахш нисбати қонуншиканон андешида шуданд.

Соли 2002 мақомоти адлия баҳри ҳифзи манфиати тадбиргарон ба судҳо беш аз 8 ҳазор аризаи даъворо ба андозаи 14 миллиард сӯм пешкаш карданд. Қариб 2,3 ҳазор шахси мансабдор ба ҷавобгарии интизомӣ кашида, аз онҳо 290 нафараш аз вазифаи ишғолгардида сабукдӯш шуд.

Дар бораи рушди муассисоти инфрасохтори бозаргонӣ, ки барои фароҳам овардани шароити мусоид ба устуворона арзи ҳастӣ кардани иқтисодиёт даъват гардидааст, махсус ҳарф задан лозим меояд. Сухан дар ин ҷо дар навбати аввал дар бораи рушди сохторҳои молиявию бонкӣ, суғуртавӣ, ширкатҳои консалтингӣ ва лизингӣ меравад.

Амиқ гардидани ислоҳот дар низоми бонкӣ на танҳо ба вусъат ёфтани миқдори бонкҳо, балки афзудани ҳиссаи бонкҳои хусусӣ, аз ҳама муҳимаш баланд гардидани устуворӣ ва арзи ҳастии бонкҳои тиҷоратӣ таккони нав бахшид. Танҳо дар соли ҳисоботӣ маблағи умумии бонкҳои тиҷоратӣ ба 43 фоиз, маблағи активҳои умумии онҳо бошад се баробар афзуд.

Амонати аҳолӣ ба депозити бонкҳои тиҷоратӣ соли 2002-ум 86 фоиз афзуда, ба 170 миллиард сӯм расид.

Ба мақсади наздик кардани хизмати бонкӣ бевосита ба мизоҷоне, ки ба он хизмат мерасонад, дар ҳамаи вилоятҳо ва ноҳияҳо шабакаи бонкҳои хурд кушода мешаванд. Имрӯзҳо 530 бонки хурд кушода шудааст ва танҳо соли ҳисоботӣ миқдори онҳо ду баробар афзудааст.

Тағйиротҳои мусбӣ дар муносибатҳои мутақобилаи бонкҳои тиҷоратӣ бо субектҳои соҳибкории хурд ва тадбиргарии хусусӣ ба ҷонибдорӣ мансуб аст. Ҳаҷми вомҳое, ки бонкҳои тиҷоратӣ ба субектҳои соҳибкории хурду миёна дар соли 2002 ҷудо кардааанд, ба 30 фоиз афзуда, 265 милиард сӯмро ташкил додааст. Аз рӯи хатти муассисоти байналхалқии молиявӣ, аз қабили Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо, Бонки тараққиёти Осиё, Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ ва дигарон солҳои охир барои рушди соҳибкории хурду миёна 450 миллион доллар захираҳои вомӣ ҷалб гардиданд, ки аз онҳо аллакай 345,8 миллион долларaш азхуд гардидааст. Танҳо соли 2002 дар ин ҷода 87 миллион доллари ИМА азхуд гардидааст. Муассисоти муҳими инфрасохтори бозаргонӣ, аз қабили фаъолияти суғуртавӣ, ки барои ҳифзи тадбиргарон ва аҳолӣ аз ҳар гуна таваккалкорӣ даъват гардидааст, устуворона рушд меёбад. Ҳоли ҳозир 28 ширкат фаъолияти суғуртавиро ба амал бароварда,ба шаҳрвандони ҷумҳурият ва ташкилотҳо беш аз 150 намуди хизмати суғуртавиро мерасонад.

Мо ба рушди низоми лизинг, ки ба тадбиргарони оғозкунандаи фаъолият барои ба даст овардани таҷҳизоту технологияи зарурӣ кӯмаки калон мерасонад, аҳамияти калон медиҳем. Имрӯзҳо дар ҷумҳурият ҷараёнҳои лизингиро 9 бонки тиҷоратӣ ва 6 ширкати махсусонидашуда ба рӯи об мебароранд. Танҳо соли 2002 онҳо бо шарти лизингӣ беш аз 2,5 ҳазор лоиҳаро ба андозаи 500 миллион доллари ИМА ба ҳаёт татбиқ намуданд.

Мӯҳтарам иштирокдорони маҷлис!

Ҳамчун натиҷаи қонунии дар ҷумҳурият андешидани тадбирҳо оиди амиқгардонии ислоҳот ва озодкунии иқтисодиёт соли 2002 афзоиши устувору мӯътадил ва муназзами истеҳсолот ба даст омад. Масалан маҳсулоти умумии дохила дар соли ҳисоботӣ 4,2 фоиз, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 8,5 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ 6,1 фоиз, молҳои истеъмолӣ 11,8 фоиз афзуданд. Соҳаҳои саноат, ки устувории иқтисодиёти моро таъмин мекунанд—барқ, саноати сӯзишворӣ, маъдани сиёҳу ранга, саноати кимё ва нафту кимё ва ғайра муназзам инкишоф ёфтанд. Соли гузашта натиҷаи рекордии ҳосили ғалладона—5,4 миллион тонна ба даст омад.

Дар бобати таъмини мӯътадилии молиявӣ ва устувории нишондиҳандаҳои пулӣ пешравиҳои мусбӣ рух доданд. Бӯҷаи давлатӣ нисбати маҳсулоти умумии дохила бо камчинии 0,8 фоиз иҷро гардид, ки аз пешбинигардида паст мебошад.

Соли 2002 тадбирҳо оиди амалӣ гардондани сиёсати қатъии пулу вом, кам кардани пули нақд, эмиссияи вому пули нақд ба рӯи об бароварда шуданд.

Оқибат суръати афзоиши пули нақд кам гардид. Ва он нисбати маҳсулоти умумии дохила 12,5 фоизро ташкил дод. Ҳол он ки соли 2001 ин нишондиҳанда 14 фоизро ташкил дода буд.

Дар бораи натиҷаҳои ба рӯи об баровардани сиёсати сармоягузорӣ ва сохторӣ дар соли сипаришуда мухтасар ҳарф заданиям. Соли 2002 ҳаҷми тамоми сармоягузорӣ ба иқтисодиёт 3,8 фоиз афзуда, аз 1,4 триллион сӯм зиёд гардид. Беш аз 650 миллион доллари он, ё ҳуд беш аз 20 фоизи онро сармоягузории хоричӣ ташкил дод.

Ҳамчун далели мусбӣ афзудани ҳиссаи захираҳои худии корхонаҳоро нисбати ҳаҷми умумии сармоягузорӣ аз 27,5 фоиз то 40 фоиз арзёбӣ кардан лозим мееяд. Ҳамаи он имконият дод дар тӯли тамоми сол 56 обекти нави истеҳсолӣ ба истифода супурда шавад, ки аз он 15-тоаш муқтадир мебошад. Аз он ҷумла, хатти нави роҳи оҳани Учқудуқ—Нукуси дарозиаш 500 километр, навбати якуми маҷмӯи фосфорити Қизилқум ба истифода супурда шуд. Истеҳсоли хлорити натрий ва дефолианти хлоратимагний дар Иттиҳодияи истеҳсолии Азоти Фарғона ба роҳ монда, таҷдиди майдони ҳавоии Тошканд ва се майдони ҳавоии шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро ва Урганҷ ба анҷом расида, Маркази ҷумҳурии кӯмаки оҷилии тиббӣ кушода шуд, ки бо таҷҳизоти замонавии тиббӣ муҷаҳҳаз аст. Меҳмонхонаи Хоразм қад кашида, корхонаҳои муштараки «Нестле Ӯзбекистон», «Фармой», «Чиноз тӯқимачӣ» ва ғайра ба истифода супурда шуданд.

Беш аз 58 фоизи тамоми сармояҳо ба таҷдид, азнавҷиҳозонии техникӣ ва технологии истеҳсолоти мавҷуда ва ба истифода супурдани иқтидорҳои нав сарф гардиданд.

Оқибат дар ҷумҳурият истеҳсолоти волотехнологӣ ба вуҷуд оварда, истеҳсоли маҳсулоти нави ба рақобат тобовар ба роҳ монда, масъалаи ниҳоят бароямон душвор, аз қабили бо шуғл фаро гирондани аҳолӣ ҳаллу фасл мегардад. Барои мисол маҷмӯи газу кимёи Шӯртанро гирем. Аз ҳисоби ба истифода супурдани он натанҳо истеҳсоли маҳсулоти сӯзишвориву энергетикии серталаб, аз қабили гази моеъ, конденсати газ таъмин карда мешавад, балки истеҳсоли полиэтилен ба роҳ монда шудааст, ки иқтидорҳои дар ин бобат мавҷудаи ҷумҳуриятро бо ашёи хоме таъмин мекунад, ки пардаи сунӣ тайёр мекунанду он барои кишоварзӣ ниҳоят зарур мебошад.

Ё ҳуд заводи автомобилсозии �Уздэуавторо бигирем, ки солҳои охир марҳалаи дуюми таҷдиди он, навсозии як қатор моделҳои нави автомобил анҷоми ҳудро ёфт. Ин имконият дод дар фурсати кӯтоҳ истеҳсолотро бознадошта, истеҳсоли шакли тамоман нави автомошини «Матиз» ба роҳ монда шавад. Ва аз ҳисоби ба истифода супурдани хатти нави конвейер истеҳсоли мошини нави такмилдодашудаи «Нексия ДОНС» ба роҳ монда шуд.

Дар заводи трактори Тошканд дар натиҷаи ба рӯи об бароварданд лоиҳаи муштараки ӯзбекистониву чинӣ истеҳсоли тракторҳои хурд барои корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои фермерӣ ва деҳқонӣ ба роҳ монда шуд.

Таҷдиди хатти мавҷудаи истеҳсоли оина дар ҷамъияти саҳҳомии Кварс ба анҷом расида, истеҳсоли қолин дар корхонаи муштараки «Хива Карпет» ба роҳ монда, истеҳсоли содаи каустикӣ дар ҷамъияти саҳҳомии «Навоиазот», телевизорҳои ранга дар ҷамъияти саҳҳомии Фотон ба роҳ монда шуд. Истеҳсоли симҳои баркӣ барои саноати автомобилсозӣ дар корхонаи муштараки «ӮзКоджи» ба роҳ монда шуд ва чунин мисолҳоро бисёр овардан мумкин аст.

На танҳо дар сохтори ҳуди истеҳсолот, балки дар низоми содироти маҳсулот низ пешравиҳои мусбӣ рух медиҳанд. Дар ин ҷо пеш аз ҳама сухан дар хусуси вусъат додани истеҳсолот ва расонда додани маҳсулоти тайёри ба рақобат тобовар меравад. Ва он захираҳои ашёи хом нест.

Дар натиҷаи андешидани тадбирҳо оиди аз нигоҳи молиявӣ солимгардонии корхонаҳо миқдори корхонаҳои зараровар, дараҷаи даромадашон паст ва ночори иқтисодӣ кам гардиданд. Ҳукумат қарори махсусро оиди барҳам задани корхонаҳои зараровар ва ғайрипешомаднок қабул намудааст. Собитқадамона амалӣ гардондани он имконият дод, ки соли 2002 аз вазъи зараровар 304 корхона бароварда, нисбати 154 корхона қонуну қоидаи муҳталифи муфлисӣ истифода бурда шавад.

То 1 январи соли 2003 миқдори корхонаҳои зараровар нисбати ҳамин давраи соли 2002-ум 1,6 маротиба, корхонаҳои аз нигоҳи иқтисодӣ ночор қариб ду баробар кам гардиданд.

Соли гузашта дараҷаи инфлятсия назаррас кам гардид. Ҳар моҳ он ба ҳисоби миёна 1,6 фоизро ташкил дод. Ҳол он ки соли 2001 он ба ду фоиз баробар буд.

Соли 2002 музди миёнаи меҳнат ба 47 фоиз афзуд. Музди меҳнати омӯзгорон, таркиби профессорону муаллимони донишкадаҳо ва муассисаҳои таълими миёнаи махсус 1,6 маротиба зиёд гардид. Умуман даромади умумӣ нисбати ҳар сар аҳолӣ дар давоми сол 1,4 маротиба, даромади воқеӣ бошад, 12,6 фоиз афзудааст.

Мӯҳтарам иштирокдорони маҷлис!

Натиҷаҳои соли 2002-ро ҷамъбаст намуда, диққату эътиборатонро ба масъала ва муаммоҳои ҳалношуда, ки дар соҳаҳои ҷудогона ва соҳаи иҷтимоӣ ҷой доранду давом мекунанд ва дар роҳи ислоҳот монеа мебошанд, ҷалб сохтаниам.

Яке аз муаммои асосӣ ҳамин аст, ки бисёр корхонаҳо ба шароит ва талаби иқтисоди бозаргонӣ суст хосу мос мегарданд. Бо душвории калон барои ҳуд бозори истеъмоли маҳсулоти ҳудро меёбанд. Бо ҷалб сохтани сармояҳо, такмил додан ва аз нигоҳи техникӣ азнавҷиҳозонидан, бозомӯзии кадрҳо , тағйир додани тахассус барои истеҳсоли маҳсулоте, ки талабгорони зиёд дорад, ҷиддан ва мунтазам машғул намегарданд. Соли 2002 умуман дар ҷумҳурият боқимондаҳои зиёда аз меъёри маҳсулоти тайёр афзуд, ки вай аз 3,8 миллиард сӯм зиёд аст. Бештари ин маҳсулот дар анборҳои корхонаҳои Ширкати давлатию саҳҳомии «Ӯзкимёсаноат», Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзбекэнерго», Иттиҳодияи ҷумҳурии «Спецсплав», Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии об, ассотсиатсияҳои «Ӯзмашсаноат» ва «Пишепром», Ширкати саҳҳомии «Ӯзстройматериали» ҷамъ шуда мондааанд. Оқибат маблағҳои зиёди моддӣ бекор хобида, бисёр намудҳои ашёи хом ва маводҳо, маблағҳои гирдгардон беҳуда сарф шуданашон аён мегарданд. Истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолӣ дар консернҳо, корпоратсияҳо, ширкатҳо ва ассотсиатсияҳо ба дараҷаи паст мебошанд.

Дар ин корхонаҳо вазъи молиявӣ ниҳоят мураккаб мебошад. Қисми зиёди онҳо дараҷаи пасти даромад доранд, аз чиҳати иқтисодӣ ночоранд ва ё зараровар мебошанд. Соли гузаштаро бо зарар 128 корхона ба анҷом расонд, ки қисми зиёди онҳо дар таркиби «Ӯзбекэнерго», «Ӯзкимёсаноат», «Ӯзмашсаноат» ва ғайра мебошанд.

Бо қарори махсуси ҳукумат барномаи барҳамзании корхонаҳои зараровар қабул гардид. Ва ин қарор бояд бечуну чаро иҷро гардад. Назорати иҷрои он ба зиммаи Кумита оид ба корҳои корхонаҳои аз нигоҳи иқтисодӣ ночори назди Вазорати иқтисодиёт, Суди Олии хоҷагидорӣ, сарварони ассотсиатсияҳо, корпоратсияҳо, ширкатҳо ва дигар иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ гузошта мешавад.

Масъалаи вусъат додан ва амиқ гардондани ислоҳот дар кишоварзӣ диққату эътибори махсусро таҳозо дорад.

Бояд эътироф намуд, ки дар давраи сипаришуда бисёр корҳо оиди фароҳам овардани заминаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқӣ карда шуд, ки ба талаботи иқтисоди бозаргонӣ ҷавобгӯянду ба барҳам задани сектори амволи давлатӣ, татбиқи усулияту шаклҳои нави муносибатҳои иқтисодӣ ва аграрӣ дар деҳот нигаронда шудааанд. Бисёр зинаҳо ва сохторҳои барзиёдатӣ, ки асосан вазифаҳои фармонфармоиву маъмурӣ ва тақсимотиро ба иҷро мерасонданд, фаъолияти ҳудро қатъ гардонданд.

Амалан асосҳо дар пойгоҳи усулиятҳои коллектививу иҷоравии амволдорӣ, ширкатӣ, хоҷагиҳои фермерӣ ва деҳқонӣ ба вуҷуд омада, дар ҳама ҷо муносибатҳои шартномавии пудратӣ байни деҳқон—истеҳсолгар ва хоҷагии коллективӣ татбиқ мегардад.

Барои рушди босуръати хоҷагиҳои фермерӣ кӯмаки калон расонда, фишангҳои нави рағбатноксозӣ фароҳам оварда, тамоми корҳо ба он мақсад ба иҷро мерасанд, то ки дар деҳқон ҳисси хӯҷаинӣ дар деҳот таҳким бахшида шавад.

Фехристи бисёр тадбирҳоро номбар кардан мумкин аст, ки имрӯзҳо оид ба ислоҳсозии истеҳсолоти кишоварзӣ амалӣ гардонда мешаванд. Имрӯз дар мо тамоми асосҳо ҳаст бигӯем, ки стратегияи интихобкардаи ислоҳот оиди дигаргунӣ ва навсозии деҳот ва натиҷаҳои ҳудро мебахшад ва набояд онро инкор кард.

Баробари ин имрӯз бо тамоми масъулият эътироф кардан зарур аст, ки ба тадбирҳои андешидашуда оиди ислоҳсозии кишоварзӣ нигоҳ накарда, соҳаи мазкур ҳамоно соҳаи консервативии иқтисодиёти мамлакат шуда боқӣ мондааст.

Ва сабаби асосии он дар навбати аввал дар ҳамин зоҳир мегардад, ки ҳуди раванди даст кашидан аз низоми кӯҳнаи маъмуриву фармондиҳии ҳуҷраси, ки дар шуури одамон чун қолаби кӯҳна сахт маъво пайдо кардааст, ба душворӣ дар ҳаёт татбиқ мегардад.

Агар маҷозан гӯем, шакл аз бисёр чиҳат тағйир меёбад, вале мазмун чун кӯҳна боқӣ мондааст. Як мисол меоварам. Дар ҳамаи вилоятҳо ва ноҳияҳо колхозҳои собиқ ба хоҷагиҳои ширкатӣ мубаддал гардидааанд. Агар ҷиддан ва ҳаматарафа назар афканем, дар амал ширкатҳои нав дар бисёр вилоятҳо ва ноҳияҳо аз ҳамон колхозҳои пештара кам фарқ мекунанд. Дар айни замон бояд таъкид кард, ки хоҷагии ширкатӣ ин шакли нави хоҷагии коллективӣ буда, асосашро пай ташкил медиҳаду муносибати навро нисбати амвол, замин ташаккул медиҳад. Аз ҳама муҳимаш, ҳар як ӯзви чамоа дар даст пай дошта, бояд барои меҳнати ҳуд ҳаққи инфиродӣ на аз рӯи муносибати пештараи баробарҳакдиҳӣ, балки аз рӯи ҳиссаи шахсии мушаххаси гузоштааш ба комёбии хоҷагӣ ҳаҚ бигирад. Мо бояд возеҳу равшан тасаввур кунем, ки татбиқи муносибатҳои бозаргонӣ дар деҳот ин пеш аз ҳама даст кашидан аз нишондиҳандаҳое мебошад, ки дар он сарвати аз ҳама бебаҳои мо замин чӣ тавр истифода гардиданаш, дар он чӣ коридан ва чӣ истеҳсол карданро муайян мекунад. Ва мебояд дар навбати аввал ба усулиятҳои нави маҳаки арзёбӣ гузашт, ки ҷиҳати бозаргонӣ доранду озодии фаъолияти истеҳсолгарони кишоварзиро маҳдуд намесозад.

Бояд билохир масъалаҳои принсипиалии идоракунии кишоварзӣ муайяну танзим гардонда шаванд: ба чӣ дараҷаи чумҳурӣ, Вазорати хоҷагии кишоварзиву об чаво медиҳаду барои чӣ дараҷаи вилоятию ноҳияви ҷавобгар аст. Ва билохир бояд мушаххас ва возеҳу равшан дар бахши ҳуқуқӣ вазифаҳо ва масъулияти хоҷагиҳо—истеҳсолгарони маҳсулот муайян карда шаванд. Дар айни замон ба дахолати ғайриқонунӣ ба кори зинаи поёнии идора ҳаргиз роҳ набояд дод.

Тартиби интихоб кардан ва аз вазифа озод кардани сарварони хоҷагиҳои ширкатӣ аз нав дида баромада, қатъан зери назорат гирифта шавад. Дар ин бобат аз тарафи ҳокимиятҳои ноҳияҳо ва вилоятҳо роҳ гузоштан ба бесарусомонӣ ҳаргиз мумкин нест.

Зинаи суст дар масъалаи ислоҳсозии кишоварзӣ ҳамоно паст будани интизоми шартномавӣ мебошад. Низоми мазкур дар деҳот бояд эътироф намуд, аз бисёр чиҳат русуми расмиятпарастиро дорад. Ба Вазорати адлия ва мақомоти он дар маҳалҳо зарур аст, ки назоратро аз болои хушсифату ҳатман иҷро намудани шартномаҳои ба имзо расида дар ҳамаи дараҷаҳо пурзӯр гардонад. Ба он чиз бояд диққату эътибор дод, ки дар қисми зиёди ин шартномаҳо назорат кардан ва аз айбдорон пурсидан ойди иҷро накардани ӯҳдадориашон душвор мебошад. Чунки дар бисёрии онҳо на мӯҳлат ва на муҷозоти мушаххаси ҷаримавӣ барои барбод додани он нишон дода мешаванд.

Сухан дар бораи зарурати ба вуҷуд овардани механизми мушаххасе меравад, ки таҳия намудани шартнома ва рioя кардани ӯҳдадориҳоро байни субектҳои мушаххас—оне, ки маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол мекунад ва он ташкилоте, ки ба кишоварзӣ хизмат мерасонаду ба он техника, сӯзишворӣ, нақлиёт, маблағ, тухмӣ, воми зарурӣ ва ғайраро таъмин мекунад, аниқ назорат намояд.

Дар бораи аз нав дида баромадани низоми ба имзо расондани шартномаҳо ва таҳкими интизоми шартномавӣ харф зада, зарур аст аниқ муайян карда шавад, ки зинаи асосӣ дар ин ҷо бояд истеҳсолгари маҳсулоти кишоварзӣ боқӣ монад. Аз кори босамару сермаҳсул ва натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти ӯ вазъи молиявии тамоми он субектҳо, пудратчиёне вобаста гардад, ки ба он хизмат мерасонад. Ва он бояд ба ҳамагон чун «ду чор мешавад», возеҳу равшан бошад.

Омили асосие, ки комёбиро дар ислоҳсозии кишоварзӣ таъмин мекунад, ин пешкаш кардани озодии калон ба истеҳсолгар, бартараф сохтани монеаҳои бисёрест, ки имрӯзҳо дар сари роҳи ӯ мебошад. Аз боло фармону амр надодан, машғул гардидан бо ҳаллу фасли рушди хоҷагиҳои фермерӣ ва таҳсили молистеҳсолкунандагон дар деҳот усули замонавии пеш бурдани кори хоҷагидорист.

Аз рӯи ҳамаи ин масъалаҳо лоиҳаи қарори Девони Вазирон таҳия гардидааст, ки ба фикрам дар вақтҳои наздик қабул мегардад.

Мӯҳтарам иштирокдорони маҷлис!

Зарурат оид ба истода гузаштан ба масъалаҳои амиқ гардондани ислоҳот дар соҳаи сохтмони асосӣ мебошад.

Бояд эътироф намуд, ки муаммоҳое, ки мо дар сохтмон рӯ ба рӯ мегардем, ин ҷои аз ҳама сусти мо, «доғи» иқтисодиёти мо мебошад.

Аз рӯи моҳият имрӯз заминаи мустаҳками зарурии қонунгузорӣ ва меъёрӣ барои ислоҳсозии сохтмон ба вуҷуд оварда шудааст. Дигаргуниҳои сохторӣ ва институтсионалӣ амалӣ мегарданд. Вазорати идоракои ҷумҳурии бинокорӣ барҳам хӯрданд. Ба ташкилотҳои пудратӣ озодии пурраи иқтисодӣ дода шудааст.

Дар амал чӣ рух медиҳад? Дар амал ташкилотҳои бинокорӣ аз рӯи усули кӯҳна кор мекунанд. Дар амалия дар ҷумҳурият ҷузъи асосии гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ—бозори корҳои пудратӣ ва вуҷуд оварда нашудааст. Савдоҳои озмунӣ (тендерӣ) барои ҷойгир сохтани фармоиши корҳои бинокорӣ на ба ҳар як обект ва аксар вақт шаклпарастона ба рӯи об бароварда мешавад. Ба далелҳо мурочиат мекунем. Соли 2002-ум 622 савдои озмунӣ ба корҳои пудратӣ ба маблаги 184 миллиард сӯм гузаронда шудааст. Амалан дар давоми сол корҳои пудратӣ ба 1,4 триллион сӯм ба иҷро расидаанд.

Бояд кушоду равшан эътироф намуд, ки дар амал на пудратчӣ ба ҳуд кор меёбад, баракси он аст. Кор аз рӯи тарҳи кӯҳнаву умраш ба охиррасида—фармоишгар мачбур аст шартномаи пудратро бо ташкилотҳои бинокорие ба имзо расонад, ки аз боло нишон дода мешавад. Ҳама чиз пешакӣ равшан аст. Кӣ месозад ва бо кадом нарх. Масалан, аз рӯи тендер ба сохтмони чор коллеҷи вилояти Фарғона қарор ба фоидаи ташкилоте ҳал гардидааст, ки арзиши сохтмонро хеле баланд нишон додааст. Чунин вазъият аз рӯи савдои тендерӣ дар вилоятҳои Самарқанд, Андиҷон, Қашқадарё ва Бухоро ба назар расиданд.

Ин ба он оварда мерасонад, ки пудратчӣ амалан бо такмил додани ташкили корҳои бинокорӣ машғул намешавад, ягон чустучӯ оид ба кам кардани арзишу баланд кардани сифати кор ба назар намерасанд.

Амалан ягон пудратчӣ ва ё фармоишгаре, ки дар зиёд кардани арзиши корҳо ва халалдор сохтани ӯҳдадориҳои шартномавӣ айбдор ҳисобида шудааанд, ба ягон ҷавобгарӣ—на ба маъмуриву на ба ҷиноӣ кашида шудааанд.

Арзиши баланд ва сифати пасти ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавии таҳиягардида касро ба ташвишу иштироб мегузорад. Ба он нигоҳ накарда, ки бисёр муассисоти лоиҳакашӣ ҳусусӣ гардонда шудааанд, вале рақобати воқеӣ байни онҳо ҳанӯз нест. Он вазъияте, ки дар низоми нархгузорӣ ба масолеҳи бинокорӣ ва конструксияҳо ба амал омадааст, касро ба ташвишу иштироб мегузорад. Ҳангоми ба иҷро расондани корҳои пудратии обектҳои бинокорӣ махсусан ононе, ки аз ҳисоби манбаъҳои мутамарказонидашуда ва бучавӣ бо маблаг таъмин карда мешаванд, далелҳои сершумори зиёд карда нишон додани нарҳҳои сметавӣ, ҳаҷмҳои корҳои бинокориву монтажӣ ҷой доранд. Аз рӯи моҳият низоми чиноятқорона ба вуҷуд омадааст. Баъзе ташкилотҳои бинокорӣ масолеҳи бинокориро на аз истеҳсолгарон, балки аз миёнаравҳои сеюм, ки аксаран хеш ақрабои сарварони ташкилотҳои пудратӣ мебошанд, мегиранд. Магар оё он чизро мӯҳтадил ҳисобидан мумкин аст, ки дар тӯли соли 2002 ҳамагӣ 39 савдои тендерӣ барои хариди масолеҳи бинокорӣ, маводи комплектшаванда ва таҷҳизот гузаронда шудааст. Ба мақсади амиқ ва ҳамаҷониба таткиқ намудани масъалаи нархгузорӣ дар сохтмони асосӣ комиссияи махсус таҳти сарпарастии вазири молия М.Нормуродов созмон дода шудааст, ки ба таркиби он кормандони Дастгоҳи Президент, Прокуратураи Генералӣ ва дигар идораҳои манфиатдор шомиланд. Ба комиссия супурда шудааст, ки то 15 апрел омилҳоеро, ки ба афзоиши нархи сохтмон таъсир мерасонанд, омӯзанд, натиҷаҳои савдоҳои озмунии гузарондашударо аз нигоҳи танқидӣ таҳлил намуда, низоми хариди масолеҳу таҷҳизоти бинокориро таҳлил намуда, ба Девони Вазирон таклифҳои мушаххасро оиди ин масъалаҳо пешкаш кунанд. Албатта бисёр комиссия созмон додан, айбдорони сӯиистеъмолкунандаро ҷазо додан мумкин аст. Вале он ба пешравии кор мадад намерасонад. Имрӯз масъаларо бояд қатъӣ гузошт. Барои чӣ то ҳол дар сохтмон ва саноати сохтмон низоме ба вуҷуд оварда нашудааст, ки ба муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ ҷавобгӯянду қонуншиканӣ ва ҳарачу марачи дар боло номбаргардидаро аз байн мебардоранд? Шояд Маҷмӯи бинокории Девони Вазирон таҳти сарпарасти К.Тӯлаганов ва ҳокимиятҳои маҳаллӣ дар ин бобат тартиби заруриро ба роҳ монанд?

Биёед, чӣ тавр амалӣ гардондани ислоҳоти иқтисодиро дар хоҷагии манзиливу коммуналӣ аз нигоҳи танқидӣ арзёбӣ намоем.

Ба далелҳо мурочиат менамоем. Дараҷаи фарогирии деҳот бо хатти оби мутамарказонидашуда ҷумҳурият 78 фоиз, гази табиӣ 75 фоизро ташкил медиҳад. Агар дар оғози солҳои 90-ум дараҷаи бо газ таъмин будани хонадони деҳоти вилояти Сурхондарё 3,2 фоизро ташкил дода бошад, имрӯз он ба 59 фоиз

Стратегияи ислоҳот – баланд бардоштани нерӯи иқтисодии мамлакат

(Аввалаш дар саҳ.2)

Мӯҳтарам ҳамватанон!

Моро имрӯз вазъияте, ки оид ба моломол кардани бозори истеъмолӣ бо молҳои ғайриозуқавӣ ва озуқавӣ ба амал омадааст, қонеъ гардонда наметавонад. Барои дидани он чиз, ки бозори дохилаи мо ва таъмини аҳолиамон дар навбати аввал бо молҳои ғайриозуқавӣ вақтҳои охир бештар ба воридот вобаста шуд, бо дигар суханон гӯем, овардани мол аз берун вобаста гардидааст, ягон таҳлилгар шудан шарт нест. Махсусан далелҳо, вақте ки молҳо дар ҳаҷмҳои калон ба мамлакатамон ғайриқонунӣ, бо роҳи қочоқ оварда мешаванд, касро бо ташвишу изтироб мегузорад. Ин чунин маънӣ дорад, ки ин молҳо бидуни убур кардани ситодҳои гумрукӣ, бидуни додани боҷу андоз оварда мешаванд. Аз ҳама хавфноказ ҳамин аст, ки сифати онҳо назорат карда намешавад ва он ба озуқаворӣ низ дахл дорад. Танҳо дар нимаи дуюми соли 2002 чунин молҳо, ки бо роҳи қочоқ оварда шуданд, ба андозаи беш аз 20 миллиард сӯм бозҳдошта шудаанд. Бояд гуфт, ки ба чунин молҳои назоратнакунандаю ғайриқонунӣ воридшаванда иқтисодиёти ягон мамлакат, зиёда аз ин мамлакате, ки акнун дар марҳалаи гузариши рушди худ мебошад, тоқат карда наметавонад.

Дар сарҳадҳоямон ва ҳудудҳои наздисарҳадиамон аз рӯи моҳият низомии пуркуввати хуб ташаккулёфтаи чиноятқорӣ оид ба бо роҳи қочоқ овардани молҳо ба ҷумҳурият ба вуҷуд омадааст, ки ба иқтисодиёти мамлакат зарари калон мерасонад. Мо тадбирҳои заруриро оид ба муқаррар кардани низоми тамаддунонаи овардан ва ташкили фурӯши молҳо амалан созмон додаем ва имрӯзҳо ташаккули онро идома медиҳем.

Дар навбати аввал мақсади мо монеа гузоштан ба ҳудуди ҷумҳурият овардани молҳои пасмондаи бадсифат, аз ҷумла, озуқаворӣ, дорувори мӯҳлати истифодаашон гузаштарафта, ва чуноне ки дар саросари ҷаҳон қабул гардидааст, аз назаргузаронии гумрукӣ, ба хазинаи давлат додани андоз ва боҷи дахлдор мебошад.

Ва мо боз ба он роҳ намедиҳем, то ки фардо қисми зиёди аҳолии мо чун дар як қатор мамлакатҳои қафомонда бо доду гирифт ва хариду фурӯши моли бадсифати аз берун овардашуда машғул гардад ва он чиноят дар назди авлоди оянда мебошад. Мо бояд иҷро кунем ва ӯҳдадор ҳастем дар бозори ҳуд шароити зарориро ба он фароҳам оварем, то ки он молҳоеро, ки имконияти дар ҳудуди ҳудамон тайёр кардани онҳо ҳастанд, истеҳсол намоем, фурӯшем. Танҳо аз ҳамин ҳисоб одамонро бо кор таъмин карда, муаммои бароямон мураккаби бекориро ҳаллу фасл кардан мумкин аст. Танҳо бо ҳамин роҳ аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва аз бозори ҷаҳонӣ барои ҳуд ҷои муносибро меёбем.

Биёед акнун ба он мароқ зоҳир кунем, ки мо чиро дар ҳуд истеҳсол карда метавонему аҳолиамон ба чӣ эҳтиёҷманд ва сифати он мол чӣ гуна мебошад. Ва аз ҳама чизи муҳим нархи фурӯши он мебошад.

Чанд мисоли чудогона меоварам. Ба ҳиссаи воридот имрӯзҳо 75 фоизи тамоми маҳсулоти дар бозори дохила фурӯҳташаванда, қариб 50 фоизи пойафзол, қариб 80 фоизи собуни чарчинворӣ ва воситаҳои синтетикии шустушӯ, беш аз нисфи дар ҷумҳурият истеъмолшавандаи равғани чорво ва консервҳо, амалан тамоми тачҳизоти барқии маишӣ рост мояд.

Дар ин ҷо саволи ҳаққонӣ ба миён мояд: ташкилотҳо ва корхонаҳои мо бо чӣ машғул мешаванд? Сарварон, масъулон барои истеҳсоли молҳои истеъмолӣ бо чӣ машғуланд? Ба ҷавоби ин саволҳо як мисол меоварам. Прокуратураи Генералӣ ду корхонаи саноати дӯзандагӣ— «Юлдуз» ва «Малика»-ро тафтиш намуда, далелҳои сершумори нохоҷагидорӣ, паҳну парешон кардан ва азхудкунии амвол, ба иҷора додани бино ва дастгоҳҳоро аз рӯи нархҳои ҳудсарона созмон додан ва ба фурӯш бароварданди маҳсулоти «ғайбӣ», бо роҳи сунъӣ баланд бардоштани нархро ошкор намуд.

Ва мебинем, ки ягон саъю ҳаракат оид ба омӯзиши бозор—маркетинг, ба роҳ мондани истеҳсоли молҳои сермасриф, татбиқи менежменди замонавӣ, рағбатноксозии хизматчиёни ҳуд—баланд бардоштани музди меҳнати онҳо ба назар нарасид.

Мо низоми доманадори имтиёзоти андозро аз рӯи рағбатноксозии истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ҷорӣ кардем. Давлат боз чӣ кор карданаш лозим? Боз кадом шароитро фароҳам оварад, то ки кадрҳои роҳбарикунандаи карахти мо ба таври замонавӣ кор карданро ёд бигиранд?

Дар соҳаи савдо имрӯз чӣ гуна ҳолат ҳукмрон аст? Ташкилотҳои андозгирӣ қариб 6 ҳазор ташкилоти савдоро тафтиш намуда, дар 90 фоизи онҳо ҳодисаҳои халалдор шудани қоидаҳои савдои чаканаро ошкор сохтанд. Мошинҳои назоративу кассавӣ «хоб» мекарданд, истифода намегардиданд, молҳо бидуни квитансияҳо дода мешуданд, пули ҳосилшуда сари вақт ба касса супурда нашудааст.

Механизми аниқи амалиёти мутақобила байни корхонаҳо—истеҳсолгари молҳо ва ташкилотҳои савдо нестанд. Аз рӯи моҳият зинаи яклухтфурӯшӣ кор намекунад. Дар доираи васеъ шабакаи хурдфурӯшӣ афзудааст, ки ягон масъулияти амволдории миёнаравиро ба гардан намегирад. Мол пеш аз он ки ба дасти харидор рафта расад, аз дасти чанд кас мегузарад. Охири оқибат нархи он баланд гардида, боз ба гардани харидор бор мешавад.

Ҳукумат як қатор қарорҳои муҳимро қабул намуд, ки ба тартиб андохтани савдои яклухту чаканафурӯшӣ дар ҳудудҳои ҷумҳурият вусъат додани шабакаҳои базаҳои яклухтфурӯшӣ, мағозаҳо, корхонаҳои хӯроки умумӣ ва хизмати маишӣ нигаронда шудаанд. Рафти иҷрои ин қарорҳоро мебояд аз рӯи натиҷаҳои нимаи якуми сол баррасӣ намуд ва саҳеҳиҳои даркориро дохил намуд.

Дӯстони азиз!

Натиҷаҳои соли 2002 ва босамарии ислоҳоти иқтисодиро дар мамлакат ҷамъбаст намуда, баробари комёбиҳои бахснопазир зарур аст зикр намуд, ки суръати афзоиши иқтисодии мо бешак дар ҳамаи соҳаҳои ҳаётамон аз ин ҳам баланд шуданаш мумкин буд.

Албатта он сабабҳои гуногун дорад. Вале аз сабабҳои ҷиддӣ он ин нимкора дар ҳаёт татбиқ намудани ислоҳот мебошад.

Роҳи стратегии мо оиди озодкунии иқтисодиёт, таъмини устувори муназзами рушди он албатта ба минбаъда баланд гаштани дараҷаи сатҳи зиндагонии аҳолӣ аз он ҷиҳат дар навбати аввал монеъ мегардад, ки ислоҳоти оғозёфта то анҷоми мантиқии ҳуд расонда намешавад. Аз ҳамин сабаб дар бораи вазифаҳои асосии устуворе, ки дар наздамон дар соли 2003 истодаанд, ҳарф зада боид диққату эътибори асосӣ ба ин муаммо нигаронда шавад. **Нимкорагӣ дар бобати ба рӯи об бароварданди ислоҳот барҳам зада, дар навбати аввал нақши сектори хусусӣ дар иқтисодиёт пурзӯр гардонда шавад.**

Мо гаштаву баргашта ба ин эътимод дорем, ки агар ислоҳот дар ҷое бомуваффақият амалӣ гардад, дар он ҷо амволдори воқеӣ ба миён мояд. Он чиз муҳим нест, ки вай амволдори корпоративӣ ва ё хусусист. Аз ҳама муҳимаш вай амволдор на дар сухан, балки дар амал мебошад. Мо бояд эътироф намоем, ки аз рӯи моҳият дар иқтисодиётамон иштироки давлат ҳамоно калон мебошад ва он дар навбати аввал дар миқдори зиёди саҳмҳои давлатӣ дар амволи корхонаҳо, ҳиссаи калони давлат дар маблағгузории асосии корхонаҳои хусусигардондашуда дар механизми консервативии танзими давлатӣ ва дар айни замон дахолати бевоситаи давлат ба фаъолияти субект зуҳур мeёбад.

Вазъи кор дар бобати хусусигардонӣ ва аз тасарруфи давлат бароварданди амвол диққату эътибори ҷиддиро тақозо дорад. Аз рӯи моҳият дар ҷумҳурият хусусигардонӣ ҷиҳати расмиятпарастиро дорад. Ба назари сатҳӣ чунин менамояд, ки тамоми талабҳо ва меъёрҳои пешбиникардаи қонунгузорӣ иҷро гардидааанд. Корхонаҳо хусусӣ гардонда шудаанд ва давлатӣ намебошанд. Вале онҳо қалбакӣ бошанд-чӣ?

Мутаассифона, бисёр дигар муаммоҳои мухталиф ба миён меоянд, ки муносибати махсуси бодиққатонаро тақозо доранд.

Гап дар сари он аст, ки дар қисми зиёди корхонаҳои хусусигардондашуда дар ин ё он ҳаҷм як қисми амвол нигоҳ дошта шудааст. Яъне тавассути саҳмҳо амволдории давлат ҳукмронӣ мекунад. Аз рӯи ин ҳиссаҳо намояндагони боэътимоду вакилатдоргардидаи давлатӣ таъин гардиданд, ки ба таркиби маъмурияти ҷамъияти саҳҳомӣ дохил шудаанд ва овози онҳо ҳангоми қабул гардидаи қарор ҳалкунанда мебошад.

Боз як далел. Дар айёми ҳуд як қисми саҳмҳое, ки ба давлат мансуб буданд, ба идораи боэътимоди ассотсиатсияҳо, корпоратсияҳо ва ширкатҳое дода шуданд, ки ба таркиби онҳо корхонаҳо шомил буданд. Зимни он чунин мақсад пеш гузошта шуда буд. Иттиҳодияи ҳоҷагидорӣ имконияти амалӣ гардондани сиёсати ягонаи техникиву технологиро дар соҳа , маркетингро ба рӯи об мебароранд. Дар амал он ба он мубаддал шуд, ки ассотсиатсияҳо ва ширкатҳо ба фаъолияти ҳоҷагиҳо дахолат карданро давом медиҳанд, бо ҳар гуна баҳонаҳо ба танзим гардондани фаъолият шурӯъ мекунанд, мувофиқи салоҳдидашон масъалаҳои кадрҳоро ҳаллу фасл менамоянд. Дар ин маврид фаъолияти ассотсиатсия аз вазорати пештараи соҳавӣ чӣ гуна фарқ мекунад?

Барои мисол корхонаи давлатии заводи компрессори Тошкандро гирем. Соли 1994 вай ба ҷамъияти саҳҳомӣ мубаддал гардид. Мувофиқи проспекти эмиссия 25 фоизи саҳм амволи давлат шуда монда, аз 10 фоиз камтар ба ҷамоа дода, бо қимонда ба фурӯши озод ҷудо гардид. Вале беш аз 35 фоизи аксия ҷойгир карда нашуд. Ба ҷуз ин дар рафти тафтиш ошкор гардид, ки як қисми амвол умуман арзёбӣ нагардида будааст. Ва оқибат ҳиссаи саҳмҳои ҷойгирнашуда имрӯзҳо 66 фоизро ташкил медиҳад. Раиси садорат аз рӯзи бо саҳм фарогирӣ собиқ директори ин завод буд, ки амалан онро идора намуд, ҳудсарона ба амвол ихтиёрдорӣ карда, толону тороҷ намуд ва оқибат аз вазифа сабукдӯш гардид. Шӯрои назоратӣ, маҷлиси саҳҳомон ба кучо нигарист? Бо ин масъала ва дигар масъалаҳо умуман онҳо машғул нагардидааанд. Чунки солҳои чудогона раиси шӯрои назоратӣ сартехнолог, ҷонишини раис оид ба иқтисодиёт, сарконструктор буданд. Алқисса ононе раиси шӯрои назоратӣ буданд, ки бевосита ба директор тобеъ буданд.

Ман бисёр мисолҳоро оварданам мумкин аст, ки саҳмҳои корхонаҳои хусусигардондашуда ба фурӯши озод гузошта намешуданду пинҳон мекарданд, шӯрои назоратии ҷамъият амалан аз корпуси директорӣ вобаста буд. Ва собиқ директор хӯҷаини яккаву ягона дар корхона ба ҳисоб мерафт. **Зимни он он чиз инкор карда мешавад, ки директор мувофиқи қонун идоракунандаи иҷоравӣ мебошаду вай бояд дар назди саҳҳомон ҳисобот диҳад ва аз овоздиҳию қарори онҳо он чиз вобаста аст, ки ӯ фардо директор буда метавонад ё на.**

Имрӯз дар назди мо вазифаи асосӣ истодааст. Чӣ тавр бояд бо ин тарз—«аз хусусигардонии шаклпарастӣ ба хусусигардонии воқеӣ» гузарем.

Ба мақсади куллан баланд бардоштани нақши амволи хусусӣ таҳкими низоми корпоративии идораи корхонаҳои хусусигардондашуда фармон қабул гардид. Вазифаҳои асосии он инҳо мебошанд.

Аввало. Куллан кам кардани ҳиссаи давлат дар маблағи оинномавии корхонаҳои хусусигардондашуда. Вай танҳо дар корхонае нигоҳ дошта шуданаш мумкин аст, ки аҳамияти стратегӣ дорад. Дар боқимондаҳояш бояд ҳамааш дар бозори фондӣ ба амволдорони хусусӣ фурӯхта шавад. Охири оқибат вай ба пешкаш кардани озодии калони иқтисодӣ ба корхонаҳо, фароҳам овардани шароит баҳри рушди сектори хусусӣ, баланд бардоштани нақши он дар иқтисодиёт нигаронда шудааст.

Дуюм. Барҳам задани вазъият, вақте ки консерн, ассотсиатсия, ширкати холдингӣ чун вазорати барҳамзадашуда кор мекунанд, барҳам задани дахолати ғайриқонунии онҳо ба фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаҳо.

Сеюм. Пурзӯр кардани нақши саҳҳомон дар идоракунии корхонаҳои саҳҳомӣ. Вазифаи куллан тағйир додан ва аз нав дида баромадани вазифаҳои директорони ҷамъиятҳо мубаддал сохтани онҳо ба мудирон, ононе ки аз рӯи иҷора ба мӯҳлати як сол кор мекунанд, гузошта шудааст. Онҳо мувофиқи қарори саҳҳомон бо назардошти ҳисоботашон ба соли сипаришуда минбаъд дар ин вазифа кор карданашон мумкин аст.

Ба фикрам зарурат нест ба касе бигӯем, ки ин вазифаҳое, ки дар фармон нишон дода шудаанд, чӣ тавр иҷро мегарданд. Вале ҳаминаш аён аст, ки иҷро гардидани онҳо аз бисёр чиҳат ба ислоҳоти мо дар иқтисодиёт вобастагӣ дорад.

Масъалаи охирине, ки мехостам имрӯз истода гузарам, **ин масъалаи баланд бардоштани малакаи умумии кадрҳо ҳамчун шарти муҳими пешрафти умумӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ мебошад.**

Вазифаи стратегии ислоҳсозии иқтисодиёт амалӣ гардондани дигаргуниҳои амиқи сохтории он, мунтазам навсозии технологӣ ва азнавҷиҳозонии техникии истеҳсолот мебошад. Танҳо аз ҳамин ҳисоб рушди устуворонаи иқтисодиётамонро таъмин карда, дар бозори ҷаҳонӣ бомуваффақият рақобат кардан мумкин аст.

Мо набояд фаромӯш кунем, ки дар садаи пешрафти пурҷӯшу хурӯши техникӣ, низоми замонавии мунтазаму пайваста навшаванди технологӣ иттилоотиву компутерӣ ҳаёт ба сар мебарем. Дар фурсати кӯтоҳ дар панҷ- ҳафт сол технологияи пешқадами имрӯз бомуваффақият амалкунанда кӯҳна гардида, ба ҷои он аз он ҳам такмилёфтааш меояд.

Бубинед низоми рушди касбии кадрҳо дар ширкатҳои калони трансмиллӣ чӣ тавр ба роҳ монда шуданд. Ба ин масъала диққату эътибори калон зоҳир мегардад.Аз ҳама муҳимаш, маблағҳои калон ҷудо мегардад. Дар ин фирмаҳо баробари мутахассисони маълумоти олӣ коргарони баландмалакае кор мекунанд, ки технологияҳои волои замонавиро хуб медонанд. Барои тайёр кардани онҳо солҳо, даҳсолаҳо лозим меояд. Ва он махсусан муҳим аст, ки низоми таъсирбахши рағбатноксозии онҳо амал мекунад, ба **онҳо на аз рӯи вазифа, балки малака ҳаҷ медиҳанд.**

Ба мо низ зарур аст, ки чунин низомро ба вуҷуд оварем. Бояд эътироф намуд, ки бо бозомӯзии кадрҳои идораҳо дар мо амалан касе машғул намегардад. Дар кучое бошад ҳам он ғайринизомӣ, ахён-ахён ба рӯи об бароварда мешавад.

Ба ин мақсад маблағро дарег надошт. Зарур аст заминаи зарурии моддию техникӣ фароҳам оварда, он бо технологияҳои замонавии иттилоотиву коммуникатсионӣ ҷиҳозонида, ба Интернет васл гардад. Омӯзгорони баландмалака ба ин кор ҷалб карда шаванд.

Зарур аст дар ҳама ҷо баланд бардоштани малакаи касбӣ рағбатнок сохта, категорияҳо, дараҷаи касбӣ ба коргарон аз рӯи додани иловапулӣ ба собиқаи корӣ ҷорӣ карда шавад.

Алқисса, он чиз муҳим аст, ки бозомӯзӣ ва баланд бардоштани малакаи кадрҳо меъёр барои ҳар як идора, барои ҳар як идора ва корманди он гардад, то ки он ҳамчун низоми бутун созмон дода шаваду арзи ҳастӣ намояд.

Дар ягон ҳолат мо набояд ин ҳақиқати оддиро фаромӯш накунем. Танҳо ҷустуҷӯ, серталабии доимӣ дар навбати аввал ба ҳуд ва баъд ба дигарон метавонад моро аз ҳафомонӣ раҳо бахшад, ба дараҷаи мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ пешқадам барорад.

Дар роҳи ҳосил шудани ин мақсадҳои нек ба ҳамаатон комёбиҳоро таманнӣ дорам.

Қарори маҷлиси Девони Вазирон

Дар бораи натиҷаҳои тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурият дар соли 2002 ва самтҳои асосии амиқгардонии ислоҳоти иқтисодӣ барои соли 2003

1.Девони Вазирон зикр менамояд, ки соли 2002 роҳи озодкунии иқтисодӣ, амиқ гардондани ислоҳоти иқтисодӣ, таъмини афзоиши мӯътадилу муназзами иқтисодӣ собиткадамона ва мувофиқи мақсад ба рӯи об бароварда шуд. Дар натиҷа:

иқтисодиёти серҷанба фаъолона ба вуҷуд оварда, тадбирҳо оид ба рағбатноксозии фаъолияти тадбиргарӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, вусъати озодии иқтисодии корхонаҳо, афзудани ҳиссаи сектори хусусӣ амалӣ гардонда мешаванд;

суръати афзоиши маҳсулоти умумии дохила, 104,2 фоиз, дар саноат 108,5 фоиз, кишоварзӣ 106,7 фоиз, муовизаи моли чакана 101,7 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 108,3 фоизро ташкил доданд. Даромади аҳолӣ нисбати ҳар як сокин ба 12,6 фоиз афзудааст. Салдои мусбӣ дар савдои беруна ба маблағи 276,4 миллион доллари ИМА ба даст омадааст;

аз ҳисоби ба рӯи об бароварданди сиёсати қатъии пулу вом суръати афзоиши ҳармоҳаи инфлятсия бо дараҷаи 1,6 фоиз паст фуромада, суръати афзоиши ба муомилот бароварданди пули нақд паст гашта, бӯҷаи давлатӣ бо камчинии андозааш 0,8 фоиз нисбати маҳсулоти умумии дохила иҷро гардидааст;

сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаҳои базавии сектори воқеии иқтисодиёт собиткадамона гузаронда, ба истифода истеҳсолоте дода шуд, ки бо технологияи воло ҷиҳозонида, маҳсулоти ба рақобат тобовар истеҳсол мекунанд;

тадбирҳо оид ба солим гардондани реструктуризатсия ва барҳамзании корхонаҳои аз нигоҳи иқтисодӣ ночор, зараровар андешида мешаванд. Аз вазъи зараровари 304 корхона бароварда шуда, нисбати 154 корхона қавоиди мухталифи муфлисӣ истифода бурда мешаванд;

дахолати давлат ва мақомоти назоратӣ ба фаъолияти ҳоҷагидории корхонаҳо ихтисор мегардад;

бархурдории корхонаҳо аз бозори ғайрибиржавии асъор бештар озод гардонда, тартиби озодтабодулӣ ва хариди асъори ҳорича барои шахсони ҳуқуқӣ ҳеле содда гардонда шудааст.

Баробари ин дар соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт масъалаву муаммоҳои ҳалношуда ҷӯй доранд, ки дар роҳи ислоҳот монеъа мегарданд.

Ислоҳоти иқтисодӣ дар бисёр ҷодаву соҳаҳои иқтисодиёт-кишоварзӣ, сохтмони асосӣ, ҳоҷагии манзиливу коммуналӣ, умуман дар иқтисодиёт дар ҳаёт нимкора татбиқ мегарданд, то ба анҷоми мантиқии ҳуд расонда нашудаанд, ки онҳо боиси паст гардидани босамарии тадбирҳои амалии андешидашуда мегарданд.

Хусусигардонӣ аз бисёр ҷиҳат шакли расмиятпарастиро гирифтааст. Усулиятҳои идораи корпоративӣ риоя намегарданд. Ассотсиатсияҳо ва ширкатҳо ҳамоно ба фаъолияти ҳоҷагидории корхонаҳо дахолат мекунанд, ҷун пештара нақши ҳар гуна танзимгарро иҷро менамоянд.

Бисёрии корхонаҳо ба шароит ва талабҳои иқтисоди бозаргонӣ ниҳоят суст ҳосу мос мегарданд. Истеҳсоли маҳсулоти пастсифате, ки талабгорони ҳудро надоранд, ҳамоно давом дорад, дар як қатор соҳаҳо ҳиссаи корхонаҳои дараҷаи даромадашон пасту зараровар баланд мебошад.

Моломол кардани бозори дохила ба молҳои ҳушсифати истеъмолии пеш аз ҳама истеҳсолоти ватанӣ ғайриқаноатбахш аст, низоми савдои яклухту чаканафурӯшӣ суст ташкил ёфтааст, далелҳои ғайриқонунӣ, бо роҳи қочоқ ворид гардидани молҳо ба бозори ҷумҳурият решакан нагардидаанд.

2. Ба роҳбарияти маҷмӯъҳои Девони Вазирон, Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, вазорату идораҳо ва иттиҳодияҳои ҳоҷагидорӣ супурда шавад, ки натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодиро дар минтақаҳо, соҳаҳо ва секторҳои иқтисодиёт аз нуқтаи назари танқиди арзёбӣ намуда, тадбирҳои тадбирҳои амалиро оиди ба рӯи об бароварданди вазифаҳое таъмин созанд, ки дар маърузаи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов ба миён гузошта шудаанд.

3. Бо назардошти талабҳое, ки дар маърузаи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов баён гардидааанд, самтҳои устувори озодкунии минбаъда ва амиқгардонии ислоҳоти иқтисодӣ муайян карда, ба ҳаллу фасли онҳо бояд омилҳо ва захираҳои зерин дар соли 2003 нигаронда шаванд:

барҳам задани нимкорагӣ дар бобати ба рӯи об бароварданди ислоҳоти иқтисодӣ ва дар навбати аввал пурзӯр кардани нақши сектори хусусӣ дар иқтисодиёти мамлакат;

гузаштан аз шакли расмиятпарастонаи хусусигардонӣ ба воқеиаш, куллан ихтисор кардани саҳми давлат дар маблағи оинномавии корхонаҳои хусусигардондашуда, таҳкими низоми корпоративии идора, пурзӯр кардани нақши саҳҳомон дар идоракунии ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, барҳам задани дахолати ғайриқонунии иттиҳодияҳои ҳоҷагидорӣ ба фаъолияти молиявиву ҳоҷагидории корхонаҳо;

минбаъда татбиқ кардани муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ дар деҳот, гузаштан ба маҳаки арзёбии нави принсипиалӣ, ки ҷиҳати бозаргонӣ доранд ва маҳдуд насохтани фаъолияти истеҳсолгарони ишковарзӣ, куллан аз нав дида баромадани низоми идораи кишоварзӣ;

таъмини афзоиши устувору мувозанати иқтисодиёт, ба рӯи об бароварданди сиёсати қатъии пулу вом, қатъан кам кардани дараҷаи бекурбшавии пул, таъмини мӯътадилии асъори миллӣ;

амиқ гардондани ислоҳот дар соҳаи андозу буҷа, кам кардани ҳаҷмоҳои давлатӣ баробари механизми саҳеҳгардонии харҷи онҳо;

ба рӯи об бароварданди тадбирҳои мушаххас оид ба роҳ надодани ғайриқонунӣ бо роҳи қочоқ ба ҳудуди ҷумҳурият овардани молҳои истеъмолӣ, рағбатноксозии вусъати истеҳсоли онҳо дар ҷумҳурият ва дар ҳамин асос моломол кардани бозори дохилаи истеъмолӣ, такмил додани низоми ташкили савдо;

минбаъда озодкунии бозори асъор, таъмини озодтабодулии асъори миллӣ аз рӯи ҳисобсуратҳои ҷорӣ;

минбаъда ба рӯи об бароварданди Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо, ба вуҷуд овардани низоми яклухт оид ба бозомӯзӣ ва баланд бардоштани малакаи кадрҳои коргарӣ, рағбатноксозии афзудани маҳорати касбии онҳо;

пурзӯр гардондани таъсирбахшӣ ва нишонидории сиёсати амалигардондаистодаи иҷтимоие, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ дар асоси ба амал бароварданди барномаҳои иҷтимоии қабулгардида, пеш аз ҳама барномаи ҷонибдории нишонидории иҷтимоии табақаҳои камбисоти аҳолӣ, тарбияи авлоди солим, «Соли маҳаллаи дастгирӣ» ва ғайра нигаронда шудаанд.

4. Диққату эътибори Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарӣ (Асқаров), сарвароні маҳомоти соҳавии идора ба набудани назорати зарурӣ аз болои фаъолияти корхонаҳо дар давраи баъди хусусигардонидан, босамар истифода бурдани амволи давлатӣ, суст будани кор оид ба ҷалб сохтани сармояҳои ҳоҷагидорӣ ва ба ҳисобгирии корхонаҳо, интихоби идоракунандагони боэътимоду боварибахши давлатӣ дар ҷамъиятҳои саҳҳомии соҳиби ҳиссаи саҳмҳои давлатӣ нигаронда шавад.

Ба Комиссияи маҳсус оид ба масъалаҳои ташкили додани идораи корхонаҳои хусусигардондашуда (Азимов), Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарӣ якҷоя бо дигар вазорату идораҳо супурда шавад, ки иҳтиёро таъмин созанд:

ба рӯи об бароварданди маҷмӯи тадбирҳо оиди амалӣ гардондани талабҳои Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 24 январи соли 2003 рақами УП-3202 «Дар бораи тадбирҳо оид ба куллан таҳким бахшидани ҳисса ва аҳамияти сектори хусусӣ дар иқтисодиёти Ӯзбекистон», дар семоҳаи якуми соли 2003 татбиқ намудани низоми мониторинги корхонаҳои хусусигардондашуда, ширкатҳои саҳҳомии дорои саҳмҳои амволдории давлатӣ, идоракунандагони боэътимод ва шахсони боэътимоди давлатӣ;

ба рӯи об бароварданди маҷмӯи тадбирҳо оиди такмил додани бозори туфайлии қоғазҳои қиматҳо, бо назардошти ба ин мазмун расондани аҳду паймони гирифтани қоғазҳои қиматҳо танҳо дар бозори фондии ташкилёфта, таъмини ошкорбаёнӣ ва дастрас будани савдо.

Аз рӯи иҷрои корҳо Девони Вазирон мувофиқи натиҷаҳои нимаи якуми соли 2003 хабардор карда шаванд.

5. Ба Вазорати адлия якҷоя бо Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарӣ супурда шавад, ки дар бадали ду ҳафта ба Девони Вазирон таклифҳоро оид ба такмил додани заминаи қонунгузорӣ ва меъёриву ҳуқуқӣ пешкаш кунанд, ки амалияи вогузоштани идораи эътимодноки иттиҳодияҳои ҳоҷагидориро ба силсилаи саҳмҳое, ки мансуби давлат аст, беэътибор месозад тартиби таъмин кардани идоракунандаи боэътимод ва ҷавобгарии онро танзим гардонда, механизми идораи корпоративии корхонаҳои хусусигардондашуда ва ғайраро мушаххасан ба тартиб меандозад.

6. Ба Кумитаи оид ба парвандаҳои корхонаҳои аз нигоҳи иқтисодӣ ночори (Саидова) назди Вазорати иқтисодиёти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад:

якҷоя бо Суди Олии ҳоҷагидорӣ (Абдусаломов) корҳоро оид ба бечуну чаро иҷро намудани Барномаи қабулгардидаи барҳамзанӣ ва реструктуризатсияи корхонаҳои аз нигоҳи иқтисодӣ ночор ва зараровар, солим гардондани вазъи молиявии сектори воқеии иқтисодиётро пурзӯр гардонанд;

якҷоя бо Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарӣ, Вазорати молия, Кумитаи давлатии андози Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар бадали як моҳ ба Девони Вазирон лоиҳаи қарори Ҳукумато оид ба такмил додани механизми тартиби вогузоштани обектҳои соҳаи иҷтимоӣ ба тасарруфи мақомоти ҳокимият дар маҳалҳо, консерватсия кардани иқтидорҳои истифодабарандаи корхонаҳо, ки барномаи тасдиқкардаи аз нав тахассусониданро доранд, ҳамчунин арзёбии амволи корхонаҳои зараровари хусусигардондашударо пешкаш кунанд.

7. Ба Вазорати кишоварзӣ ва ҳоҷагии об, Вазорати иқтисодиёт, Кумитаи давлатӣ оид ба замин, Вазорати адлия, Суди Олии ҳоҷагидории Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки бо назардошти такмил додани заминаи меъёриву ҳуқуқӣ дар мӯҳлати як моҳ тағйиротҳо оро ба шартномаҳои намунавии мавҷудаи расонда додани маҳсулоти кишоварзӣ доранду ба вуҷуд овардани механизми мушаххасеро, ки таҳия намудан ва риоя кардани ӯҳдадориҳоро байни субектҳои мушаххас—истеҳсолгари маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкилотҳоеро, ки ба деҳот хизмат мерасонанд, баланд бардоштани масъулияти онҳоро дар бобати иҷрои онҳо таъмин месозад, дароранд.

Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва мақомоти он дар маҳалҳо супурда шавад, ки назоратро аз болои ҳушсифат ва ҳатман иҷро гардидани шартномаҳои баимзорасида дар ҳамаи дараҷаҳо пурзӯр гардонанд.

8. Ба Вазорати кишоварзӣ ва ҳоҷагии оби Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки амалияи дар байни мавсим фиристодани фермеронро ба мамлакатҳои ҳорича ба мақсади омӯхтани таҷрибаи пешқадами агротехникӣ ва ташкили истеҳсоли кишоварзӣ васеъ ҷорӣ намояд.

9. Ба Вазорати кишоварзӣ ва ҳоҷагии об якҷоя бо Вазорати иқтисодиёт, Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд супурда шавад, ки дар бадали як моҳ ба Девони Вазирон лоиҳаи қарори Ҳукматро оид ба минбаъда бо суръат инкишоф додани паррандапарварӣ, бо назардошти таъмини дар ҳудудҳо ҷойгир сохтани корхонаҳои соҳа, таҳкими заминаи хӯрокӣ ва вусъат додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот пешкаш намоянд.

10. Ба Комиссияи маҳсус таҳти сарпарастии вазири молия М.Нормуродов супурда шавад, ки то 15 апрели соли ҷорӣ омилҳоеро, ки боиси афзоиши арзиши сохтмон мегарданд, амиқан омӯхта, натиҷаҳои савдои озмуниро, ки дар низоми хариди масолеҳу маводу таҷҳизоти бинокорӣ ба амал омадааанд, аз нигоҳи танқидӣ арзёбӣ намуда, ба Девони Вазирон таклифҳои мушаххасро оид ба ин масъалаҳо пешкаш намояд.

